







# Лоиҳаи Стратегияи кишварии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030

European Bank
for Reconstruction and Development

БАРОИ ИСТИФОДАИ УМУМ

Тарҷумаи матни аслии ҳуҷҷат аз тарафи БАТР танҳо барои роҳати хонандагон пешниҳод мегардад. Сарфи назар аз он ки БАТР тамоми кӯшишро барои таъмини аслияти тарҷума ба харҷ медиҳад, БАТР дурустии онро кафолат намедиҳад ва тасдиқ намекунад. Ҳама гуна такя ба чунин тарҷума бояд масъулияти худи хонанда бошад. Таҳти ҳеҷ шароит БАТР, кормандон ё агентҳои он дар назди хонанда ё ягон каси дигар барои ҳама гуна носаҳеҳӣ, хатогиҳо, норасоиҳо, ҳазфҳо, камбудиҳо ва/ё ҳама гуна тағйирдиҳии мухтавои тарҷума, новобаста аз сабаб ва ё зараре, ки аз онҳо бармеояд, масъулият надоранд. Дар сурати мавҷуд будани ягон ихтилоф ё номутобиқат байни вариантҳои тарҷумаҳои англисӣ ва тарҷумашуда, варианти англисӣ бартарӣ хоҳад дошт.

DRAFT

European Bank
for Reconstruction and Development

# Мундарича ва луғат

## Мундарича


| | | |
|---|---|---|
| | Баёни мухтасар | 3 |
| | Тоҷикистон - маълумоти умумии БАТР | 4 |
| I. | Татбиқи стратегияи қаблӣ (солҳои 2020-2024) | 5 |
| | Натиҷаҳои асосии давраи гузариш, ки дар рафти амалигардонии стратегияи қаблӣ ба даст омаданд | 5 |
| | Мушкилиҳо дар роҳи татбиқи стратегия ва дарсҳои асосӣ | 7 |
| II. | Вазъи иқтисодӣ | 8 |
| | Вазъи макроиқтисодӣ ва дурнамои давраи стратегӣ | 8 |
| | Мушкилиҳои асосии давраи гузариш | 9 |
| III. | Афзалиятҳои Ҳукумат ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор | 11 |
| IV. | Муайянкунии афзалиятҳои стратегияи кишварии Тоҷикистон | 12 |
| V. | Ҷорабиниҳо ва ҷадвали натиҷаҳо | 13 |
| VI. | Таҳлили пуррасозии мутақобилаи шарикони байналмилалӣ дар самтҳои фаъолияти БАТР | 15 |
| VII. | Хавфҳо ҳангоми амалигардонии стратегия ва пайомадҳои экологӣ ва иҷтимоӣ | 16 |
| VIII. | Арзёбии муносибатҳои шарикӣ бо донорҳо | 17 |
| | Замима – Арзёбии вазъи сиёсӣ | 18 |


## Луғати истилоҳоти асосӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҲСТ | Ҳаҷми солонаи сармоягузорӣ ба тиҷорат (ABI) | НМЭИ | Нақшаҳои миллӣ дар соҳаи энергетика ва иқлим (NECP) |
| МСХ | Машваратҳо барои соҳибкории хурд (ASB) | ҚБ | Қарзҳои беэътимод (NPL) |
| КФ | Кишварҳои фаъолият (CoOs) | КРР | Кӯмаки расмӣ барои рушд (ODA) |
| ИНИ | Индекси нархҳои истеъмолӣ (CPI) | СҲИР | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) |
| ТҶШ | Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (CSO) | ШДХ | Шарикии давлат бо бахши хусусӣ (PPP) |
| ЭваИ | Масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (E&S) | СҚХ | Стандартҳои қобилияти харидорӣ (PPS) |
| СН | Самаранокии нерӯ (EE) | ТГП | Таъсири гузариш ба сандуқи лоиҳаҳо (PTI) |
| БСА | Бонки сармоягузории Аврупо (EIB) | ТИ | Тадқиқотҳои илмӣ (R&D) |
| АТМЗМ | Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва соҳаи иҷтимоӣ (ESIA) | МНБ | Манбаъҳои нерӯи барқароршаванда (RE) |
| ТЧГ | Таъсири чашмдошти раванди гузариш (ETI) | НД | Намояндагии доимӣ (RO) |
| ИА | Иттиҳоди Аврупо (EU) | МТХ | Механизми тақсими хавфҳо (RSF) |
| СМХ | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (FDI) | ЧСК | Чорчӯбаҳои стратегӣ ва капиталӣ (SCF) |
| ММ | Муассисаи молиявӣ (FI) | КХМ | Корхонаҳои хурд ва миёна (SME) |
| НАШС | Нақшаи амал оид ба бунёди шаҳри сабз (GCAP) | ГП | Корхонаи давлатӣ (SOE) |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (GDP) | ҲТ | Ҳамкории техникӣ (TC) |
| GEFF | Барномаи маблағгузории иқтисоди сабз | БМС | Барномаи маблағгузории савдо (TFP) |
| ГИС | Гузариш ба иқтисоди сабз (GET) | ТВТ | Технологияҳо, ВАО, телекоммуникатсия (TMT) |
| ГГ | Газҳои гулхонаӣ (GHG) | ТОК | Таҳсилот ва омодагии касбӣ (VET) |
| АИМ | Арзиши иловагии маҷмӯӣ (GVA) | WiB | Барномаи «Занони соҳибкор» |
| ЗГА | Занҷирҳои глобалии арзиш (GVC) | YiB | Барномаи «Ҷавонони соҳибкор» |
| ССА | Саноат, савдо ва агробизнес (ICA) | | |
| ТИК | Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ICT) | | |
| МЭА | Агентии байналмилалии энергетикӣ (IEA) | | |
| МФУ | Муассисаи байналмилалии молиявӣ (IFI) | | |
| СБМ | Созмони байналмилалии меҳнат (ILO) | | |
| ТИ | Технологияҳои иттилоотӣ (IT) | | |
| КНХМ | Корхонаҳои ниҳоят хурд, хурд ва миёна (MSME) | | |
| ИваХ | Истеҳсолот ва хизматрасонӣ (M&S) | | |
| ЁТ | Ёддошти тафоҳум (MoU) | | |
| ММҒ | Муассисаи молиявии ғайрибонкӣ (NBFI) | | |
| ССММ | Саҳмҳои дар сатҳи миллӣ муайяншуда (NDCs) | | |

DRAFT

# Баёни мухтасар

Ҷонибдории принсипҳои сиёсии Моддаи 1 аз тарафи Тоҷикистон, ки дар Созишнома дар бораи таъсисёбии Бонк дарҷ шудаанд ва татбиқи онҳо бо нигаронихои ҷомеаи байналмилалӣ дар мавриди ҳимояи ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар давоми давраи гузаштаи татбиқи Стратегияи кишварӣ, қайд карда шуданд. Сарфи назар аз сатҳи пасти ибтидоӣ ва хавфҳои баланди геополитикӣ дар давоми солҳои охир Тоҷикистон нишонидиҳандаҳои баланди фаротар аз нишондиҳандаҳои миёнаи иқтисодии минтақаро намоиш медиҳад. Суръати баланди афзоиши интиқоли маблағ ва маоши воқеӣ, аз он ҷумла болоравии андозаи ҳадди ақали музди меҳнат қобилияти харидории аҳолиро дастгирӣ намуда, ба афзоиши хароҷоти аҳолӣ барои молҳои талаботи ҳаррӯза мусоидат карданд. Рушди саноат, махсусан дар саноати истихроҷи маъдан ва истеҳсолоти маҳаллӣ низ босуръат буд. Сатҳи баланди сармоягузориҳо, пеш аз ҳама, аз идомаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва дигар лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз он ҷумла лоиҳаҳои аз ҷониби донорҳо ва СБМ маблағгузоришаванда дар соҳаи нақлиёт, обтаъминкунӣ ва баровардани партовоб гувоҳӣ медиҳад. Ба шарофати татбиқи сиёсати пулию қарзии консервативӣ ва назорати нархҳо таваррум дар сатҳи пасти якрақама қарор дорад. Сиёсати муассири андозию буҷетӣ, ки бо ҷамъоварии самараноки даромадҳои пулӣ дастгирӣ мешавад, ба нишондиҳандаҳои устувори макроиқтисодӣ низ мусоидат намуд. Ҳамкории зич бо ХБА дар доираи барнома, ки ҷудокунии маблағро пешбинӣ намекунад, бо Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар шарикон аз ҷонибдории барномаи сиёсӣ шаҳодат медиҳад ва барои таъмини маблағгузории лоиҳаи гидроэнергетикии Роғун аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар сурати нигоҳдории сатҳи баланди интиқоли маблағ, дастгирии сиёсати маҳдудсозии хароҷот интизор аст, ки дар давраи навбатии стратегӣ нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ якҷо бо суботи макроиқтисодӣ бар асоси талаботи дохилӣ ва сармоягузориҳои ба инфрасохтор идомаёбанда нигоҳ дошта мешаванд.

Аммо, сарфи назар аз баъзе беҳбудиҳои солҳои охир, кишвар то ҳол бо мушкилии ҷиддии давраи гузариш рӯ ба рӯ аст ва яке аз мамлакатҳои аз ҳама камбизоати минтақаи фаъолияти БАТР боқӣ мемонад. Тоҷикистон бо тавонмандии маҳдуд дар амалигардонии лоиҳаҳои бахши давлат мубориза мебарад, ки ба он имкониятҳои маҳдуди буҷетӣ, қобилияти давлати соҳибихтиёр барои пардохти қарзҳо ва дастрасии маҳдуди маблағгузорӣ аз ҷониби донорҳо бештар монеа мешаванд. Дар муҳити мураккаби соҳибкорӣ маҳдудсозии сармоягузории бахши хусусӣ идома меёбад. Сарфи назар аз беҳбудиҳо ва тадбирҳои сиёсии ба қарибӣ андешидашуда, мушкилиҳои ҷиддии марбут ба нобаробарии гендерӣ ва фарогирӣ низ вуҷуд доранд. Илова бар ин, заминаи заифи меъёрии ҳуқуқӣ барои сармоягузорӣ ба манбаъҳои нерӯи барқароршаванда иштироки бахши хусусӣ ва кӯшишҳои сармоягузорони хориҷиро барои фаъолият дар ин бахш маҳдуд мекунад. Аз сабаби дастрасии маҳдуд ба бозорҳо, хароҷоти зиёди нақлиётӣ, фарсудашавии инфрасохтор ва расмиёти бесамари убури сарҳад кишвар бо мушкилиҳои ҷиддии марбут ба таъмини алоқа низ рӯ ба рӯ мешавад. Бартараф намудани ин монеаҳо омехтаи сармоягузориҳои асосӣ, ислоҳот дар соҳаи танзим, таҳкими тавонмандӣ ва инчунин тақвияти рушди молиявӣ ва устувориро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти миқёси мушкилиҳои давраи гузариш ва имконоти нав барои афзоиши иқтисодӣ таҳти роҳбарии бахши хусусӣ, ки дар натиҷаи беҳсозии шароитҳо барои татбиқи ислоҳот ба миён меоянд, Бонк дорои тамоми имкониятҳо барои дастгирии вусъатдиҳии ислоҳоти иқтисодӣ тибқи афзалиятҳои Ҳукумат бо истифода аз доираи васеи маҳсулоти молиявии дастрас ва чорабиниҳои сиёсӣ дар тамомӣ соҳаҳо ва инчунин дар ҳамоҳангсозии зич бо дигар МБМ ва донорҳо, мебошад. Дар давоми солҳои 2025-2030 Бонк афзалиятҳои зерини стратегиро дар Тоҷикистон амалӣ хоҳад намуд:

- *Тақвияти рақобатпазирӣ ва идоракунӣ тавассути пешбурди бахши хусусии бештар фарогир ва бузургтар ва беҳтар намудани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ*
- *Вусъатдиҳии шабакаҳои энергетикӣ ва нақлиётии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва устувор ва пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ*

DRAFT

# Тоҷикистон - маълумоти умумии БАТР

European Bank
for Reconstruction and Development

## Фаъолияти сармоягузории БАТР дар Тоҷикистон *(охири соли 2024)*

| | | | |
|---|---|---|---|
| Сандуқи лоиҳаҳо | 529 млн. евро | Лоиҳаҳои ҷорӣ | 79 |
| Саҳм дар сармоя | 3% | Дороиҳои амалиётӣ | 375 млн. евро |
| Ҳиссаи бахши хусусӣ[1] | 23.5% | Сармоягузории умумии соф | 1,044 млн. евро |

## ҲСТ ва амалиётҳо




## Таркиби сандуқ (млн. евро)







## Камбудиҳои давраи гузариш[2]




## Рақамҳое, ки вазъи Тоҷикистонро инъикос мекунанд

| | Кишвар | Кишварҳо барои муқоиса |
|---|---|---|
| **Аҳолӣ (млн)[3] (2024)** | 10.2 | Қазоқистон (20.1)<br>Ӯзбекистон (36.9) |
| **ММД ба ҳар сари аҳолӣ (ПҚХ, ҳаз. долл. США)[3] (2024)** | 5.6 | Қазоқистон(41.7)<br>Ӯзбекистон (11.7), |
| **Зиччии бизнеси нав[4] (Шумораи бақайдгирии нав ба ҳар 1 000 нафар, 2020 г.)** | 0.2 (2018) | Қазоқистон (3.5)<br>Ӯзбекистон (2.7) |
| **Сатҳи бекорӣ, арзёбии моделсозишудаи СБМ (%)[5] (2024)** | 11.6 | Қазоқистон (4.8)<br>Ӯзбекистон (4.5) |
| **Сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон, арзёбии моделсозишудаи СБМ (%)[5] (2024)** | 27.1 | Қазоқистон (3.8)<br>Ӯзбекистон (10.9) |
| **Иштироки занон дар қувваи корӣ, арзёбии моделсозишудаи СБМ (%)[5] (2024)** | 31.8 | Қазоқистон (66)<br>Ӯзбекистон (39.4) |
| **Миқдори истифодаи энергияи МБГ (МҶ/2017 $)[6] (2021)** | 5 | Қазоқистон (6)<br>Ӯзбекистон (8) |
| **Шиддатнокии партовҳо/ММД (кгCO2 /2017 $) (2021)[7]** | 0.19 | Қазоқистон (0.45)<br>Ӯзбекистон (0.43) |

1 Маблағгузории умумии бонк: асоси тағйирёбандаи 5-сола аз рӯи сандуқ; 2 Гузориши БАТР оид ба давраи гузариш 2024-25; 3 СБА WEO; 4 Баррасӣ ва махзани маълумоти БУ оид ба соҳибкорӣ; 5 СБМ тавассути БУ WDI; 6 АБЭ; 7. Махзани глобалии маълумоти СММ оид ба ҲРУ

БАРОИ ИСТИФОДАИ УМУМ

# 1. Татбиқи стратегияи қаблӣ (солҳои 2020-2024)

## 1.1. Натиҷаҳои асосии давраи гузариш, ки дар рафти татбиқи стратегияи қаблӣ ба даст омадаанд (1/2)

European Bank for Reconstruction and Development

DRAFT

**Ҳамоҳангсозии стратегӣ дар давоми солҳои 2020-2024**

### Маблағгузории умумӣ дар тиҷорат




### Кӯмаки техникӣ ва грантҳои сармоягузорӣ[1]




### Самаранокии таъсири давраи гузариш[2]




**Афзалияти 1 | Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва беҳтар кардани шароити пешбурди тиҷорат**

### Натиҷаҳои асосии миқдорӣ

| Нишондиҳандаҳои натиҷаҳо | 2020-2024 |
|---|---|
| Шумораи муштариёни МСХ, ки дар бораи болоравии сатҳи шуғл гузориш додаанд | 178 |
| Шумораи муштариёни МСХ, ки дар бораи афзоиши гардиш гузориш додаанд | 202 |

### Натиҷаҳои асосии давраи гузариш

- Оғози барномаи Star Venture дар кишвар ва анҷом додани 229 лоиҳаи МСХ дар давраи солҳои 2020-2023 дар якҷоягӣ бо барномаҳои таълимӣ ва тарбиятгарӣ, ки ба рақамикунонӣ, иқтисоди сабз, инкишофи малакаҳои бизнес дар ш. Душанбе ва манотиқи деҳот нигаронида шудаанд.
- Дастгирии вусъатдиҳии маблағгузории савдо тавассути васеъгардонии барномаи БМС (14,3 млн. евро) ва таҳкими тавонмандӣ (семинарҳо ва омӯзишҳо) барои БМТ, муассисаҳои молиявӣ ва корхонаҳо дар ҳамкорӣ бо Палатаи савдо.
- Дастгирии Шӯрои сармоягузории Тоҷикистон дар густариши муколамаи байни Ҳукумат ва бахши хусусӣ ва қабули санадҳо ба монанди қонуни нахустин «Дар бораи тиҷорати электронӣ».
- Мусоидат ба дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои корхонаҳои хурду миёна дар бахшҳои ИваХ ва агробизнес тавассути 14 амалиёти МТХ ба маблағи умумии 8,1 миллион евро.
- Барои маблағгузории хариди таҷҳизот барои корхонаи коркарди равғани хӯроквориӣ қарз дар ҳаҷми 2,5 млн. евро ба «Farovon Group» корхонаи истеҳсоли орд ва хӯроки чорво пешниҳод шуд.
- Кумак дар таҳияи низомнома оид ба вомбаргҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ёрӣ дар барориши вомбаргҳои нахустин.
- БМТ дар рушди низоми назорати суғурта ва бозори миллии суғурта, инчунин шомилшавӣ ба Алянси таъмини фарогирии молиявӣ дастгирӣ гардид.
- Дастгирӣ дар таҳкими тавонманди Шӯрои рушди сайёҳии Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти инфрасохтори КХМ, таҳияи стратегияи нави сайёҳӣ ва омӯзиши соҳибкорони хурду миёна дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод карда шуд.
- Дастгирӣ дар самти баланд бардоштани тавонмандӣ ва сатҳи огоҳии корхонаҳои хурду миёна дар Тоҷикистон дар бахши агробизнес барои ба даст овардани малакаҳои инноватсионии идоракунии хоҷагиҳо ва таҳкими занҷирҳои арзиши кишоварзӣ пешниҳод карда шуд.

1. Диаграмма ба маблағҳое тааллуқ дорад, ки дар солҳои 2020-2024 ҷудо шудаанд.
2. Нишондиҳандаҳои таъсир ба раванди гузариш эҳтимолияти дар доираи лоиҳаҳо расидан ба таъсири чашмдошт ба раванди гузаришро ҳангоми ба имзорасонӣ инъикос мекунанд. Дар асоси сандуқи фаъоли баркамол (>2 сол) ҳисоб карда шудааст.

European Bank
for Reconstruction and Development

# 1. Татбиқи стратегияи қаблӣ (солҳои 2020-2024)

## 1.1. Натиҷаҳои асосии давраи гузариш, ки дар рафти татбиқи стратегияи қаблӣ ба даст омадаанд (2/2)

**Афзалияти 2** | **Мусоидат ба раванди ҳамгироии минтақавӣ, ислоҳоти энергетикӣ ва рушди инфрасохтор**

### Натиҷаҳои асосии миқдорӣ




Шумораи одамоне, ки аз инфрасохтори нав/беҳтари шаҳрӣ истифода мебаранд

### Натиҷаҳои асосии давраи гузариш

Баланд бардоштани эътимоднокӣ ва устувории шабакаи интиқоли барқ ва иқтидори низоми энергетикӣ аз ҳисоби:

- Ду қарзи давлатӣ ба маблағи 20 миллиону 22 миллион евро барои таҷдиди шабакаҳои шиддати пасту миёна дар 9 шаҳр ва рушди инфрасохтори муосири баҳисобгирӣ.
- Ду қарзи давлатӣ ба маблағи 10,2 миллион евро ва 12,8 миллион евро барои барқарорсозии трансформатори мавҷуда ва бунёди трансформатори нав дар зеристгоҳи шабакаи интиқоли нерӯи барқ дар вилояти Суғд
- Мусоидат ба татбиқи ислоҳот дар соҳаи энергетика, тақсим кардани ширкати миллии энергетикӣ ба ширкатҳои истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, дастгирӣ намудани баланд бардоштани тавонмандии мақоми танзимкунандаи нерӯи барқ. Идома додани муколамаи сиёсӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои об бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои бахши хусусӣ ба энергетикаи хуршедии фотоэлектрикӣ ва суръат бахшидани ислоҳот дар соҳаи энергетика.

Идомаи татбиқи Нақшаи амал оид ба бунёди “шаҳрҳои сабз” барои ш. Душанбе, аз он ҷумла:

- барқарорсозӣ ва вусъатдиҳии шабакаи марказонидашудаи гармидиҳӣ,
- рушди инфрасохтор барои таъмини ҳаракатпазирии устувор, инчунин ҷудо намудани хат барои автобус ва троллейбусҳо, инфрасохтор барои ҳаракатпазирии фаъол (пиёда ва бо дучарха) ва воситаҳои барқӣ.
- Тамдиди хати қарзии барномаи GEFF ба маблағи умумии 23 млн евро, ки ба муассисаҳои молиявии шарик ва ташкилотҳои қарзии хурд имкон дод пешниҳоди маҳсулоти «сабз»-ро густариш диҳанд ва таҷрибаҳои ҳассос ба маъалаҳои гендериро татбиқ намоянд.

**Афзалияти 3** | **Дастгирии дастрасии васеътар ба инфрасохтори беҳтар ва хизматрасониҳои тиҷоратӣ барои занон, ҷавонон ва минтақаҳои камтар рушдёфта**

### Натиҷаҳои асосии миқдорӣ

| Нишондиҳандаҳои натиҷаҳо | 2020-2024 |
|---|---|
| Шумораи одамоне, ки дар натиҷаи омузиш ихтисоси худро баланд бардоштанд | 806 |
| Шумораи қарзҳои дар доираи барномаи WiB додашуда | 44,165 |
| Ҳаҷми қарзҳои дар доираи барномаи WiB додашуда | 87.3 млн. Евро |

### Натиҷаҳои асосии давраи гузариш

- Барномаи YiB роҳандозӣ гардид ва барномаи WiB бо бонкҳои шарик ва ташкилотҳои қарзии хурд, ки КНХМ занон ва ҷавонон дар Тоҷикистон бо фароҳам овардани имкониятҳои маблағгузории фаъолияти соҳибкории онҳо ва дастрасӣ ба маълумоти дорои арзиши тиҷоратӣ дастгирӣ мекунанд, вусъат дода шуд.
- Дастгирии рушди малакаҳо тавассути барномаи омӯзишӣ барои 1200 донишҷӯ дар вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо 4 донишгоҳ дар доираи Барномаи минтақавии фаъолияти соҳибкории хурд.
- Низоми идоракунии маҷмӯии захираҳои об дар Данғара (4 млн. Евро) ва Бохтар (4 млн. Евро) роҳандозӣ гардид. Он имкон медиҳад эҳтиёҷоти муҳим дар барқарорсозии инфрасохтори об қонеъ карда шавад ва дар баланд бардоштани сифат ва эътимоднокии хизматрасониҳои обтаъминкунӣ ва баровардани партовоб саҳм гузошта шавад.
- Дастгирӣ дар самти беҳтар намудани хизматрасониҳои обтаъминкунӣ ва баровардани партовоб дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб (7,5 млн. Евро) ва Файзобод (3,1 млн Евро) бо маблағгузории барқарорсозии шабакаи обрасонӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ, инчунин барқарорсозӣ ва навсозии иншоот тозакунии партовоб.
- Маблағгузорӣ дар ҳаҷми 122 млн. Евро барои сохтмони роҳи Обигарм-Нуробод, ки ҷузъи барномаи долонҳои ЦАРЭС мебошад пешниҳод гардид. Он ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба имкониятҳои иқтисодӣ барои аҳолии ноҳияҳои дорои сатҳи пасти дастрасӣ ё умуман бе он ва инчунин ба бунёди тавонмандии зарурии институтсионалӣ ва расмиёт баҳри идоракунии устувор ва муассири роҳҳои инфрасохторӣ мусоидат мекунад.
- Тамдиди маблағгузорӣ дар ҳаҷми 38 млн евро барои таҷдиди роҳи Данғара-Гулистон, қисми долони ЦАРЭС, аз он ҷумла сохтмони инфрасохтор барои зарядди̇ҳии мошинҳои барқӣ.

DRAFT

European Bank
for Reconstruction and Development

# 1. Татбиқи стратегияи қаблӣ (солҳои 2020-2024)

## 1.2. Мушкилиҳо дар роҳи татбиқи стратегия ва дарсҳои асосии андӯхта

### Шароитҳои татбиқи стратегия

Пас аз хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) Тоҷикистон бо мушкилиҳои ҷиддии иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд, ки он боиси аз байн рафтани иқтидори саноатӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ гардид. Норасоии доимии сармоягузорӣ ба инфрасохтор, вобастагӣ аз хоҷагиҳои ёрирасон, забт намудани бозорҳо, камбудиҳо дар баробарии гендерӣ ва фарогирӣ, инчунин муҳоҷират ин мушкилиҳоро вазнинтар намуданд. Сарфи назар аз афзоиши иқтисодии вақтҳои охир бинобар мавҷудияти бахши ғайрирасмии бузург ва сатҳи пасти маҳсулнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасониҳо суръати ба ҳам наздикшавии даромадҳо паст боқӣ мемонад. Аз рӯи стандартҳои минтақавӣ маҳсулнокии меҳнат дар кишвар паст мебошад: сатҳи баланди парокандагӣ, дар ҳолати бад қарор доштани шабакаҳои обёрӣ, дастрасии маҳдуд ба таҷҳизоти муосир ва таҷрибаи кӯҳнашуда маҳсулнокии соҳаи кишоварзиро маҳдуд месозанд. Шароитҳо барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мураккабанд: дастрасӣ ба бозорҳо маҳдуд аст, инфрасохтор рушд наёфтааст, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба рақобатпазирӣ монеагӣ мекунад. Андозҳо ва мавҷудияти бахши ғайрирасмӣ яке аз мушкилиҳои мубрам барои корхонаҳо маҳсуб меёбад ва зарурати бунёди платформаи муассир барои муколама байни давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд дорад. Мушкилиҳои идоракунӣ, аз он ҷумла коррупсия ва фаъолияти ғайрисамараноки корхонаҳои давлатӣ монеаҳои назаррас мебошанд. Аксари корхонаҳои давлатӣ дорои маҳсулнокӣ ва даромаднокии паст мебошанд ва фаъолияти онҳо ба қадри кофӣ шаффоф ва ҳисоботдиҳанда нест. Бахши молиявӣ ба қадри кофӣ рушд наёфтааст ва дар он сатҳи баланди қарзҳои беэътимод ва долларизатсия мушоҳида мешавад. Бахши бонкӣ ба инкишоф ва афзоиши назаррас ва инчунин ба беҳсозии дастрасӣ ба маблағгузорӣ бахусус барои КХМ эҳтиёҷ дорад. Бахши энергетика бо чунин мушкилиҳо ба монанди талафоти зиёди нерӯи барқ, хизматрасонии нокифояи техникӣ ва мушкилиҳои молиявӣ аз сабаби тарифҳои пасттар аз арзиши аслӣ, дучор мегардад. Бахши обтаъминкунӣ низ бо мушкилиҳои фарсудашавии инфрасохтор, сатҳи баланди талафоти об ва сатҳи пасти фарогирии аҳолӣ бо дастгоҳҳои баҳисобгирӣ низ рӯ ба рӯ мешавад. Тоҷикистон ба хавфҳои алоқаманд бо тағйирёбии иқлим, аз он ҷумла ба обхезиҳо, заминларзаҳо, ярчҳо ва мавҷҳои гармӣ ниҳоят осебпазир аст.

### Мушкилиҳо дар татбиқи стратегия

- Тавонмандии маҳдуд барои амалигардонии лоиҳаҳо дар бахши давлатӣ ва мавҷуд набудани пешсафониислоҳот дар соҳаҳои калидӣ
- Имкониятҳои пардохти қарзҳои давлатӣ ва имкониятҳои маҳдуди буҷети барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ
- Талабот ба ҷузъи маблағгузории грантӣ дар ҳаҷми 35% ба қарзҳои давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолатдодашуда
- Муҳити мураккаби соҳибкорӣ барои сармоягузориҳои бахши хусусӣ
- Таъсири ҷанг дар Украинаи ва таҳримҳои ба он алоқаманд ба интиқоли маблағ ва савдо, ки ба бахши молиявӣ, истеъмоли шахсӣ ва содирот таъсир расонид
- Таваҷҷуҳи маҳдуди сармоягузорони хориҷӣ якҷо бо шароитҳои мураккаби бурдани фаъолияти соҳибкорӣ барои СМХ
- Заминаи меъёрии ҳуқуқии барои сармоягузорӣ ба манбаъҳои нерӯи барқароршаванда ба таври кофӣ рушднаёфта

### Дарсҳои асосии андӯхта ва қадамҳои минбаъда

- Ташаббусҳо ва чорабиниҳои баланд бардоштани тавонмандӣ барои вазоратҳои дахлдор, муштариёни бахши давлатӣ ва шарикониичрокунанда дар ҳамкорӣ бо дигар МБМ ва донорҳо
- Муайянкунии афзалиятҳои лоиҳаҳо дар бахши давлатӣ барои ноилшавӣ ба таъсири ҳадди аксар аз гузариш ва таъмини татбиқи саривақтӣ
- Фаъолсозии кӯшишҳои алоқаманд бо ҷалби донорҳо
- Маблағгузории бахши хусусӣ аз он ҷумла КХМ тавассути муассисаҳои молиявии шарик (ММШ) якҷо бо машваратҳои тиҷоратии дахлдор, дастгирии техникӣ ва иштирок дар таҳияи сиёсат дар робита бо шароитҳои бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо дигар МБМ
- Ҳамкорӣ бо мақомот ва шарикон аз бахши хусусӣ оид ба гуногунсозии шарикони тиҷоратӣ ва дастгирии афзоиши иқтисоди маҳаллӣ
- Пешбурди сиёсати беҳсозии шароит барои СМХ дар мувофиқа бо дигар МБМ
- Ҳамкорӣ дар масъалаҳои сиёсат барои гузаронидани ислоҳоти бахши энергетика бо мақсади мусоидат ба сармоягузорӣ дар истеҳсоли нерӯи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда ва сохтмони нерӯгоҳҳои бодӣ ва офтобӣ

# 2. Вазъи иқтисодӣ

## 2.1. Вазъи макроиқтисодӣ ва дурнамои давраи стратегӣ

**Тоҷикистон – Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ**

| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|
| **Афзоиши ММД** (% солона) | 9.4 | 8 | 8.3 | 8.4 |
| **Таварруми ИНИ** (% ба ҳисоби миёна) | 9 | 6.6 | 3.8 | 3.6 |
| **Буҷети давлатӣ (% аз ММД)** | -0.6 | -0.2 | -0.9 | 0.3 |
| **Тавозуни ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ (% аз ММД)** | 8.2 | 15.6 | 4.8 | 6.2 |
| **Ҳаҷми холиси СМХ (% аз ММД)** ***[тарҳ воридотро нишон медиҳад]*** | -0.4 | -1.6 | -0.8 | -1.3 |
| **Қарзи беруна (% аз ДММ)** | 61.3 | 47.3 | 45.4 | дн |
| **Захираҳои умумӣ (% аз ММД)** | 28 | 35.5 | 29.5 | 30.9 |
| **Қарзи умумии давлатӣ (% аз ММД)** | 42.0 | 31.8 | 29.9 | 24.9 |
| **Сатҳи бекорӣ (%)** | 12.3 | 11.6 | 11.5 | 11.6 |
| **ММД-и номиналӣ (млрд. долл. ИМА)** | 8.9 | 10.7 | 12.2 | 14.2 |

**Манбаъ:** Мақомоти давлатии миллӣ, ХБА, Бонки умумиҷаҳонӣ, СБМ тавассути БУ WDI

**Соли 2024 иқтисоди кишвар суръати баланди афзоишро намоиш дод.** ММД-и воқеӣ солона ба 8,4% афзоиш ёфт ва омили асосӣ талаботи дохилӣ буд. Афзоиши музди меҳнати воқеӣ ба болоравии талабот ба хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва хӯроки умумӣ, инчунин савдои чакана ва яклухт мусоидат намуд. Афзоиши музди меҳнати ҳадди ақал, маошҳо дар бахши давлатӣ, нафақаҳо ва стипендияҳо, ки соли 2024 эътибор пайдо мекунад, қобилияти харидории аҳолиро иловатан боло мебарад. Боз як омили дигари афзоиш истеҳсолот гардид, ки ба он зиёдшавии ҳаҷми истихроҷи канданиҳои фоиданок ва саноати коркард мусоидат намуд. Дар мавриди хароҷотҳо сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар муқоиса бо соли қаблӣ ба 8,1 фоиз афзоиш ёфтанд, ки корҳои идомаёбандаи сохтмонӣ дар НБО Роғун ва пешрафт дар дигар лоиҳаҳои инфрасохториро инъикос мекунанд.

**Таварруми дар сатҳи паст қарор дорад.** Назорат аз болои нархҳо ва сиёсати пулии консервативӣ дар коҳишдиҳии сатҳи таварруми мусоидат намуданд. Ин боиси он гардид, ки Бонки миллӣ меъёри фоиз барои баҳисобгириро аз 13,5 фоиз дар м. август то 8,25 фоиз дар м. майи соли 2025 коҳиш диҳад, дар ҳоле ки сатҳи таварруми дар моҳи майи соли 2025 ҳамагӣ 3,8 ташкил дод. Ба шарофати даромади назарраси асъори хориҷӣ қурби то андозае боло рафт. Захираҳои байналмилалии ба тилло асосёфта ҳамчун баланд арзёбӣ мегарданд.

**Вазъи молиявии кишвар беҳтар гардид.** Ҷамъоварии муассири даромадҳои андозӣ дар якҷоягӣ бо чораҳои беҳсозии маъмуркунонии андоз имкон дод хароҷотҳои буҷет ба роҳатӣ пӯшида шаванд, ки асосан ба соҳаи маориф, таъминотииҷтимоӣ ва энергетика равона шуданд. Воситаи 22-моҳаи ҳамоҳангсозии сиёсати ХБА, ки моҳи феврали соли 2024 тасдиқ гардид ва шарҳи нахустинро моҳи декабр анҷом дод маҳдудсозии хароҷотҳои буҷетиро дастгирӣ мекунад. Он дар партави маблағгузории НБО-и Роғун зарур мебошад ва ба мақомот дар гузаронидани ислоҳоти сохторӣ ёрӣ мерасонад. Ба туфайли суръати баланди афзоиш ва нишондиҳандаҳои хуби буҷетӣ қарзи давлатӣ дар робита бо ММД ба зиёда аз 20 банди фоиз дар солҳои 2020-24 коҳиш ёфт. Соли 2024 ширкати рейтингии Standard & Poor's рейтинги дарозмуддати Тоҷикистонро аз «B-» то «B» (бо дурнамои «Устувор») баланд бардошт, ширкати рейтингии Moody's дурнаморо ба мусбат тағйир дод (рейтинги «B3») ва нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ ва буҷети кишвар ва беҳтаршавии муколама бо шарикони байналмилалиро қайд намуд.

**Суръати баланди афзоиш** дар оянда бинобар талаботи устувори дохилӣ, ҳаҷми калони интиқоли маблағ ва даромадҳои содирот ва инчунин сармоягузориҳои идомаёбанда ба инфрасохтор **нигоҳ дошта мешавад**. Ҷонибдории ислоҳоти сохторӣ дар пасманзари фаъолгардии робитаҳои байналмилалӣ барои афзоиши иқтисодӣ ҳамчун фоли нек хизмат мекунад. Дар баробари ин кишвар ба зарбаҳои беруна ба монанди ихтилол дар интиқоли маблағ ниҳоят осебпазир боқӣ мемонанд.

# 2. Вазъи иқтисодӣ

## 2.2 Мушкилиҳои асосии давраи гузариш (I/II)

### Рақобатпазирӣ (3.24)

- Пас аз хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ (соли 1997) **маҳсулнокии меҳнат дар кишвар** тадриҷан боло рафтанро оғоз намуд, аммо ҳанӯз **аз рӯи меъёрҳои минтақавӣ дар сатҳи паст** боқӣ мемонад.
- Бинобар мавҷуд набудани соҳаҳои аз лиҳози технологӣ баланд, сармоягузориҳои маҳдуд барои тадқиқотҳои илмӣ ва мушкилиҳои алоқаманд бо дастрасӣ ба маблағгузорӣ **зарфияти инноватсионӣ заиф шудааст**.
- КХМ дар иқтисодиёт нақши муҳим мебозанд, аммо **бо як қатор мушкилиҳое**, ки рушд ва рақобатпаҳирии онҳоро маҳдуд месозанд, аз он ҷумла бо **дастрасии маҳдуд ба бозор, инфрасохтори ба таври кофи рушднаёфта, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани шароитҳои баробар барои фаъолият, мавҷудияти соҳаҳои ҳифзшуда**, дучор мегарданд.
- **Андозҳо ва мавҷудияти бахши иттилоотӣ** аз тарафи корхонаҳое, ки дар назарсанҷии BEEPS VI (солҳои 2018-2020) иштирок намуданд аз зумраи мушкилиҳои аз ҳама мубрам номида шуданд. **Дараҷаи ихтисоси** кормандон барои корхонаҳои миёна ва калон муаммо ба ҳисоб меравад.
- Беҳтар намудани шароитҳои бурдани фаъолияти соҳибкорӣ барқарорсозии тавозунро байни вазифаҳои давлат ва бахши хусусӣ ва инкишофи муколамаи муассир байни давлат ва бахши хусусӣ тақозо мекунад.

**Арзёбии ҳаҷми истеҳсолот дар бахши ғайрирасмӣ (% аз ММД воқеӣ)**




Манбаъ: Бонки умумиҷаҳонӣ

### Идоракунии муассир (4.56)

- Аз соли 2017 нишондиҳандаҳои Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба сифати танзим ва назорати коррупсия то андозае коҳиш ёфтанд. Нишондиҳандаҳои «Ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ҳисоботдиҳӣ», «Суботи сиёсӣ» ва «Волоияти қонун» каме беҳтар шуданд, дар ҳоле ки самаранокии кори мақомоти давлатӣ хеле боло рафт. Бо вуҷуди ин, **Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои умумии идоракунии Бонки умумиҷаҳонӣ мақоми дуюмро дар минтақа ишғол мекунад.**
- Нишондиҳандаҳои дарки коррупсия поён рафтанд ва **дар соли 2023 кишвар дар байни 180 давлат тибқи Transparency International ҷойи 162-умро ишғол намуд**, ки дар даҳсолаи охир нишондиҳандаи аз ҳама паст мебошад.
- Фаъолияти аксари **корхонаҳои давлатӣ ғайрисамаранок ва зиёновар** боқӣ мемонад. Барои беҳтар намудани кори онҳо талошҳои маҷмӯӣ заруранд.
- Тоҷикистон нишондиҳандаҳоро **дар самти идоракунии электронии давлат беҳтар намуд**. Талошҳои минбаъда дар ин самт барои коҳишдиҳии бюрократия, коррупсия ва баланд бардоштани самаранокии кори ҳукумат ҳаётан муҳим мебошанд.

**Нишондиҳандаҳои БУ дар соҳаи идоракунӣ**

Аз рӯи шкалаи -2,5 (бадтарин) то 2,5 (беҳтарин)




Манбаъ: Бонки умумиҷаҳонӣ

### Созгорӣ бо муҳити зист (5.16)

- Ба кишвар ҳамагӣ 0,04%-и партовҳои газҳои гулхонаӣ дар ҷаҳон рост меояд. Аммо таи даҳсолаи охир **ҳаҷми умумии партовҳо бинобар истифодаи сӯзишвории истихроҷшаванда** барои истеҳсоли нерӯи барқ ва гармӣ **ба таври назаррас афзоиш ёфт**.
- Миқдори истифодаи энергия тамоюли коҳишёбӣ дорад, аммо **истифодаи энергия дар бахшҳои манзил ва сохтмон аз соли 2000 ба таври назаррас афзоиш ёфтааст**.
- Бо дарназардошти обхезиҳо, заминларза, ярч ва мавҷҳои гармӣ **Тоҷикистон аз лиҳози хавфҳои оянддаи тағйирёбии иқлим** дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ **аз ҳама осебпазир мебошад.**
- Мақомот дар самти баланд бардоштани устувори ба тағйирёбии иқлим дар саросари кишвар ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии дорои сатҳи пасти партовҳои гази карбон фаъолона кор бурда истодаанд, аммо **иҷро намудани уҳдадориҳои СММ барои то с. 2030 захираҳои молиявии назаррасро тақозо мекунад**, дар ҳоле ки норасоии умумии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тақрибан дар ҳаҷми 1,65 млрд. доллари ИМА арзёбӣ мегардад.

**Партовҳои ГГ, баробар бо тоннаи CO2 ба ҳазор ММД дар як сол**




Манбаъ: Мудирияти генералии Маркази муштараки тадқиқотии Комиссияи Аврупо

European Bank
for Reconstruction and Development

# 2. Вазъи иқтисодӣ

## 2.2 Мушкилиҳои асосии давраи гузариш (II/II)

### Фарогирӣ (3.54)

- Бо афзоиш ёфтани ҳаҷми интиқоли маблағ ва ММД **сатҳи камбизоатӣ поён рафт**. Аммо аксари мардум дар соҳаи кишоварзӣ ва намудҳои фаъолияти аз тарафи давлат маблағгузоришаванда – дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ки дорои музди меҳнати аз ҳама паст мебошанд, машғули коранд.
- **Пешниҳоди ҷойҳои корӣ аз афзоиши аҳолӣ ақиб мемонад**. Теъдоди зиёди коргарони ҷавон бинобар мавҷуд набудани кори арзанда ва музди меҳнати паст рӯ ба муҳоҷират меоранд.
- Сатҳи фарогирӣ бо таҳсили расмӣ баланд аст, аммо аксари **коргарон** барои иҷрои корҳои аз лиҳози техникӣ мураккаб дар соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеҳсолот **ҳанӯз тахассуси кофӣ надоранд**.
- Аз сабаби ҷой доштани **стереотипҳои анъанавии ҷинсӣ** ва **мавҷуд набудани муассисаҳои кӯдакона ҳузури занон дар бозори меҳнат нокифоя мебошад**. Соли 2023 сатҳи фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ танҳо 9,3% ташкил дод.
- **Дастрасӣ ба маблағгузорӣ мушкилӣ боқӣ мемонад,** бахусус дар байни занон ва соҳибкорони ҷавон ин як масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

**Тафовутҳои гендерӣ**




Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оила

### Ҳамбастагӣ (3.51)

- Тоҷикистон, ки ба баҳр баромад надорад ва дар минтақаи кӯҳӣ ҷойгир шудааст **бинобар дастрасии маҳдуд ба бозорҳо, хароҷоти баланди нақлиётӣ, инфрасохтори фарсуда ва расмиёти ғайрисамараноки убури марз** бо мушкилиҳои ҷиддӣ дар соҳаи алоқа рӯ ба рӯ мешавад.
- Нақлиёти автомобилӣ нақлиёти асосӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин сарфи назар аз вобастагии калон бахши роҳи Тоҷикистон ба таври назаррас кам маблағгузорӣ мегардад, гарчанде ки аз маблағгузории МБМ баҳра мебарад.
- Нақлиёти роҳи оҳан аз **вусъатёбии алоқа ва болорафии самаранокӣ** манфиат мебардорад.
- Рушди **нақлиёти ҳавоӣ беҳсозии дастрасии нақлиёт, такмили инфрасохтори фурудгоҳҳо ва тақвият додани рақобатпо дар соҳаи авиятсия тақозо мекунад.**
- Тоҷикистон дар байни 139 кишвар соли 2023 аз рӯи **индекси самаранокии логистикӣ ҷойи 97-умро ишғол намуд**. Соли 2018 нишондиҳанда аз 2,34 то 2,5 афзоиш ёфт, аммо барои беҳбудӣ, аз он ҷумла барои баланд бардоштани сифати анборҳо ва (сардхонаҳо), рушди долонҳои нақлиётии мултимодалӣ, имкониятҳои зиёд мавҷуданд.

**Индекси самаранокии логистикӣ Зерхолҳои ИСЛ (1=паст ва 5=баланд)**




Манбаъ: Бонки умумиҷаҳонӣ

### Устуворӣ (3.51)

- . Аз соли 2021 бахши бонкӣ нишондиҳандаҳои нисбатан солимро намоиш медиҳад, аммо **сатҳи қарзҳои безътимод ва долларизатсия баланд боқӣ мемонад.** Умуман, **хавфҳо барои суботи молиявӣ нисбатан маҳдуданд**, аммо бахши молиявӣ ба инкишоф ва афзоиши назаррас эҳтиёҷ дорад
- **Пешрафти** намоён **дар рушди бозори коғазҳои қимматноки давлатӣ ба даст омад**, аммо вомбаргҳои ширкатҳо қариб ки вуҷуд надоранд.
- Барои ҷонеъгардонии талаботҳои энергетикии худ Тоҷикистон бештар ба гидроэнергетика такя мекунад. **Бахшҳои об ва энергетика** бо мушкилиҳои зиёд, аз он ҷумла бо **инфраструктори фарсуда, талафоти зиёд, нишондиҳандаҳои пасти баҳисобгирӣ, маблағгузории нокифоя, тарифҳои пасттар аз сатҳи пӯшонидани хароҷот, мушкилиҳои идоракунӣ ва осебпазирӣ ба зарбаҳои иқлим** дучор мешавад. Барои бартарафсозии ин монеаҳо сармоягузориҳо, ислоҳот дар соҳаи танзим, баланд бардоштани тавонмандӣ ва устувории молиявӣ ҷиҳати боло бурдани устуворӣ зарур мебошад.

**Талафоти нерӯи барқ, % аз ҳаҷми умумии истеҳсолот**




Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оила

European Bank
for Reconstruction and Development

# 3. Афзалиятҳои Ҳукумат ва ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор

## 3.1 Афзалиятҳои ислоҳоти давлатӣ

Стратегияи ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) ба таври муфассал инъикос ёфтааст, ки дар он биниши кишвар дар мавриди афзоиши устувори иқтисодӣ ва рушд баён шудааст.

Соли 2024 ХБА барои Тоҷикистон воситаи ҳамоҳангсозии сиёсатро (ВҲС) бо мақсади расонидани кӯмак дар татбиқи ислоҳоти СМР ба тасвиб расонид. Афзалиятҳои ислоҳот дар доираи ВҲС аз рӯи се самти асосӣ ташкил шудаанд: (i) таҳкими суботи буҷет барои фароҳам овардани имкониятҳо барои хароҷотҳои афзалиятноки иҷтимоӣ ва хароҷотҳои соҳаи рушд, (ii) муосиркунонии асосҳои сиёсати пулию қарзӣ, қурби асъор ва бахши молиявӣ, ва (iii) пешбурди ислоҳот дар соҳаи идоракунӣ ва шаффофият барои расидан ба афзоиши бештар устувор ва фарогир. Ҳадафҳои асосии ислоҳоти сохторӣ такмили идоракунӣ ва шаффофияти корхонаҳои давлатӣ, мубориза бо коррупсия ва шаффофият (ба Стратегияи мубориза бо коррупсия барои солҳои 2021-2030 низ дохил карда шудаанд) ва инчунин мусоидат ба дастрасии молиявӣ ва тобоварӣ ба тағйирёбии иқлимро дар бар мегиранд.

Дар мавриди фарогирии молиявӣ, Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 ба бартарафсозии монеаҳои дастрасӣ ба маҳсулоти молиявӣ ва вусъатдиҳии дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ нигаронида шудааст. Афзалиятҳои асосӣ таҳкими инфрасохтори рақамӣ, гуногунсозии хизматрасониҳои молиявии аз ҷониби бонкҳо пешниҳодшаванда, дастгирии роҳҳалҳои навоваронаи молиявӣ, ки ба эҳтиёҷоти корхонаҳои хурд ва миёна (аз он ҷумла корхонаҳои роҳбаронашон занон) ҷавобгӯ мебошанд ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявиро дар бар мегиранд.

Стратегияи рушди иқтисоди сабз (барои солҳои 2023-2037), ки моҳи декабри соли 2022 ба тасвиб расид, харитаи роҳи Тоҷикистонро оид ба гузариш ба иқтисоди сабз муайян мекунад. Стратегияи мазкур ба чунин самтҳо ба монанди риояи меъёрҳои байналмилалӣ, мутобиқшавии институтсионалӣ, навовариҳо дар самти самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо, ҳамкории байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, дастрасии баробар ба хизматрасониҳои экологӣ, истифода ва истеҳсоли устувор, алоқамандсозии рушди иқтисодӣ бо устувории экологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, нигоҳдории гуногунии биологӣ, истифодаи самаранок ва афзоиши сармояи табиӣ нигаронида шудааст.

## 3.2 Самтҳои ислоҳоти БАТР дар умум бо мақомоти кишвар мувофиқа шудаанд

- Дастгирии рушди бахши хусусӣ ва дастрасӣ ба маблағгузорӣ бо диққати махсус ба беҳтар намудани шароитҳои бурдани фаъолияти соҳибкорӣ, вусъатдиҳии дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва суръат бахшидани рақамикунонӣ.
- Дар бахши энергетика густариши истифодаи МНБ, бахусус нерӯи офтоб ва бод ва омӯхтани имконияи иштироки бахши хусусӣ дар истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ.
- Таҳкими инфрасохтори мунисипалӣ ва алоқаи минтақавӣ бо сармоягузориҳои зарурӣ дар хизматрасониҳои мунисипалӣ, муосиркунонии нақлиёти ҷамъиятӣ ва ҳамгироии минтақавӣ тавассути долони ЦАРЭС.

## 3.3 Тезисҳои калидии ҷомеаи шаҳрвандӣ барои БАТР

- Таъмини устувории ТҶШ бинобар маблағгузории маҳдуд, ки бо сахттар шудани талаботи бақайдгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ ва инчунин бо тақвияти санҷишҳо тибқи қонуни ба қарибӣ қабулшуда вазнинтар мешавад, вазифаи мушкил боқӣ мемонад.
- Тоҷикистон дар самти таъмини баробарии гендерӣ ба пешрафт ноил шуд, аммо мушкилиҳои назаррас боқӣ мемонанд. ТҶШ ба зарурати ҳалли мушкилии имконоти нобаробар барои писарон ва духтарон, ки бо издивоҷҳои бармаҳал ва дастрасии маҳдуд барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд вазнинтар мегардад, таъкид мекунанд.
- ТҶШ ба таҳкими дастгирии шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, бахусус занон барои мубориза бо инзиво ва хушунат даъват мекунанд.
- Барои баланд бардоштани самаранокии ҳукумати электронӣ, шаффофият ва мубориза бо коррупсия татбиқи ислоҳоти сиёсӣ зарур мебошад.
- Диққати бештар ба беҳсозии сифати ҳаво, захираҳои об ва устувории инфрасохтори мунисипалӣ ва энергетикӣ, аз он ҷумла ба идоракунии партовҳо равона намудан зарур аст.

DRAFT

European Bank for Reconstruction and Development

# 4. Муайянкунии афзалиятҳои Стратегияи кишварии Тоҷикистон

| **Чиро бояд тағйир дод?** (Ташхиси кишвар) | **Оё имконияти тағйирдиҳии он ҳаст?** (Иқтисоди сиёсӣ) | **Бонк чӣ кор карда метавонад?** (Имкониятҳои институтсионалӣ) | **Афзалиятҳои стратегӣ (2025-2030)** | **Мо чиро мехоҳем дар соли 2030 бубинем** |
|---|---|---|---|---|
| • Фаъолияти иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзии мавсимӣ тамаркуз ёфтааст<br>• Содироти молҳои ғайри ашёри хом ва сармоягузориҳои бахши хусусӣ дар сатҳи паст боқӣ мемонанд, базаи саноатӣ дар намудҳои фаъолияти дорои арзиши иловагии паст тамаркуз ёфтааст<br>• КХМ бо мушкилиҳои зиёд, аз он ҷумла бо дастрасии маҳдуд ба бозорҳо, инфрасохтори номуносиб ва заминаи заифи меъёрии ҳуқуқӣ ва инчунин дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ ва норасоии малакаҳо, дучор мешаванд.<br>• Шумораи ҷойҳои кории таъсисдодашуда нокифоя аст, ҳиссаи занон ҳанӯз дар бозори меҳнат кам аст<br>• Фаъолияти КД ғайрисамаранок ва зиёновар аст. | • Мақомот ба ҷалби СМХ берун аз бахши истихроҷ манфиатдор мебошанд ва ба сармоягузориҳо ба коркард афзалият медиҳанд<br>• Ислоҳоти низоми маориф ва барномаҳои таълимӣ идома дорад<br>• Барномаи дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2023-27, ки ба қарибӣ қабул гардид, инчунин ислоҳот дар соҳаи маъмурикунонии андоз ва иҷозатномадиҳии сохтмон қадамҳо дар самти дуруст арзёбӣ мешаванд<br>• Барои таъмини шаффофият, самаранокӣ ва ҳисоботдиҳии истифодаи маблағҳои давлатӣ баъзе тадбирҳо андешида шуданд<br>• Рақамикунонӣ дар бахши давлатӣ пеш рафта истодааст | • Маҷмӯи васеъ ва тағйирпазири маблағгузорӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ ба КХМ, аз он ҷумла маҳсулот барои ширкатҳо ва муассисаҳои молиявӣ<br>• Бонк дар таъмини дастрасӣ ба малакаҳо ва шуғл, маблағ ва соҳибкорӣ, инчунин ба хизматрасониҳо барои гурӯҳҳои аҳолие, ки ба таври кофӣ хизмат расонида намешаванд мусоидат мекунад ва бо бахши хусусӣ ва тавассути он кор мебарад. Ба сегментҳои афзалиятноки муштариён занон, ҷавонон ва минтақаҳои камтар рушдёфта дохил мешаванд.<br>• Васеъ намудани навъҳои маҳсулот барои гузариш ба технологияҳои рақамӣ<br>• Афзоиш додани таваҷҷуҳ ба такмили идоракунӣ, аз он ҷумла кор бо корхонаҳои давлатӣ ва ҷонибҳои манфиатдори давлатӣ. | **Таҳкими рақобатпазирӣ ва идоракунӣ тавассути мусоидат ба рушди бахши хусусии бештар фарогир ва калон ва беҳтар намудани кори муассисаҳои давлатӣ** | • Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва вусъатдиҳии дастрасӣ ба маблағгузорӣ<br>• Густариши баробарии гендерӣ ва иштироки ҳаматарафа дар ҳаёти иқтисодӣ<br>• Беҳтар намудани идоракунӣ ва шароитҳои бурдани фаъолияти соҳибкорӣ |
| • Аз сабаби вусъатёбии истифодаи сӯзишвории истихроҷшаванда барои истеҳсоли нерӯи барқ ва гармӣ ҳаҷми умумии партовҳо дар давоми даҳсолаи охир ба таври назаррас афзоиш ёфт<br>• Дар ҳаҷми умумии истифодаи энергия сӯзишвории истихроҷшаванда бартарӣ дорад<br>• Тоҷикистон аз нуқтаи назари хавфҳои оянда алоқаманд бо тағйирёбии иқлим аз ҳама бештар осебпазир мебошад<br>• Вобастагии калон аз соҳаи гидроэнергетика осебпазириро ба тағйирёбии иқлим зиёдтар мекунад<br>• Мушкилиҳои марбут ба таъмини алоқамандӣ, дастрасии маҳдуд ба бозорҳо, хароҷоти баланди нақлиётӣ, инфрасохтори фарсуда ва расмиёти ғайрисамараноки убури марзҳоро дар бар мегиранд<br>• Бахшҳои обтаъминкунӣ ва энергетика бо мушкилиҳои зиёд аз он ҷумла фарсудашавии инфрасохтор, талафоти зиёд, нишондиҳандаҳои пасти баҳисобгирӣ, маблағгузории нокифоя ва мушкилиҳои идоракунӣ дучор мешаванд | • Мақомот дар самти баланд бардоштани сатҳи тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим дар саросари кишвар фаъолона кор мебаранд ва рушди дороии сатҳи пасти партови гази карбон дар асоси ССММ 2030, аз он ҷумла коҳишдиҳии пайомадҳо ва мутобиқшавӣ ва инчунин сармоягузорӣ ба манбаъҳои нерӯи барқароршавандаро ҳавасманд мекунанд<br>• То соли 2028 гузаронидани бахши нақлиёти ҷамъиятӣ ба мошинҳои барқӣ дар нақша аст<br>• Қабули «таксономияи сабз» муҳокима мешавад ва иқдомҳои минбаъда оид ба созгор намудани бахши молиявӣ бо муҳити зист дар нақша аст<br>• Низоми ҳамбастаи идоракунии дороиҳои роҳ роҳандозӣ мешавад ва интизор аст, ки Фонди роҳ буҷети кофиро барои нигоҳдории техникӣ таъмин мекунад<br>• Сохтмони НБО-и Роғун бо мақсади баланд бардоштани сатҳи истифодаи гидроэнергия бурда мешавад, ки айни замон дар муқоиса бо зарфият хеле паст мебошад. | • Дастгирии гузариш ба иқтисоди «сабз»-и дорои сатҳи пасти партови гази карбон, аз он ҷумла маблағгузории инфрасохтори тобовар ба тағйирёбии иқлим ва вусъатдиҳии миқёси истифодаи манбаъҳои нерӯи барқароршаванда, инчунин шабакаҳои интеллектуалӣ ва дастгоҳҳои такмилдодашудаи захиракунии энергия<br>• Дастгирии Созишномаи Париж ва иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба ССММ<br>• Таваҷҷуҳ ба ҷалби сармоягузориҳои бахши хусусӣ барои дастгирӣ дар роҳи ояндаи бе партовҳои гази карбон ва таъмини амнияти энергетикӣ, истифодаи воситаҳо ва равишҳои навоваронаи молиявӣ.<br>• Мусоидат ба таъмини устуворӣ ва навовариҳо тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони инфрасохтор, аз он ҷумла ҳамгироии унсурҳои инфрасохтори интеллектуалӣ | **Вусъатдиҳии шабакаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва устувори энергетикӣ ва нақлиётӣ ва пешниҳои хизматрасониҳои коммуналӣ** | • Васеъ гардонидани истифодаи манбаъҳои нерӯи барқароршаванда ва баланд бардоштани тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим<br>• Беҳсозии алоқаи нақлиётӣ ва рақамӣ<br>• Баланд бардоштани устувории хизматрасониҳои коммуналӣ |

# 5. Чорабиниҳо ва ҷадвали натиҷаҳо (1/2)

**Афзалияти 1: Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ тавассути мусоидат ба рушди бахши хусусии бештар фарогир ва калон ва беҳтар намудани кори муассисаҳои давлатӣ**

| Вазифаҳои асосӣ | Чорабиниҳо | Нишондиҳандаҳои пайгирӣ |
|---|---|---|
| **Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва вусъатдиҳии дастрасӣ ба маблағгузорӣ** | • Идома додани маблағгузории корхонаҳо ва КХМ тавассути қарздиҳии бевосита ва бавосита, аз он ҷумла тавассути МТХ, хатҳои қарзӣ (дар доираи GEFF, WiB, YiB, Agri ва дигар барномаҳои мақсаднок, масалан рақамӣ), маблағгузории савдо ва сармояи мақсаднок, бо таваҷҷуҳи махсус ба агробизнес, содирот ва рушди занҷирҳои арзиши иловагӣ, якҷо бо хизматрасониҳои ғайримолиявӣ ва дастгирии машваратии КХМ барои таҳкими идоракунии корпоративии онҳо, менеҷменти амалиётӣ/молиявӣ, зарфияти содиротӣ, ҳамгироии занҷирҳои арзиши иловагӣ, таҳаввули рақамӣ ва сабз<br>• Идома додани татбиқи барномаи «Star Venture» ва дастгирии стартапҳо<br>• Омӯхтани имкониятҳои дастгирии сармоягузориҳои манфиатовар, ки ба СМХ дохил мешаванд ва интиқоли донишҳо, аз он ҷумла дар агробизнес, захираҳои табиӣ ва сармоягузориҳои «сабз» (масалан, ба манбаъҳои нерӯи барқароршаванда)<br>• Ҷустуҷӯи роҳҳои вусъатдиҳии молиявӣ бо асъори маҳаллӣ, аз он ҷумла баррасии ҷойгузинҳои хеҷкунонӣ ва баланд бардоштани зарфияти ММШ якҷо бо мақоми танзимкунандаи бонкӣ<br>• Идома додани дастгирии мақомот дар инкишофи бозорҳои пулӣ ва сармоя, низомҳои молиявии “сабз” (масалан, ҳисоботдиҳии “сабз”, воситаҳои “сабз”) ва вариантҳои маблағгузории ғайрибонкӣ (масалан, суғуртакунӣ) | • Шумора/андозаи қарзҳои мақсадноки аз тарафи ММШ додашуда<br>• Шумораи муштариёни МСХ, ки дар бораи афзоиши содирот, шумораи коргарон ва/ё маҳсулнокии меҳнат |
| **Вусъатдиҳии баробарии гендерӣ ва иштироки ҳаматарафа дар ҳаёти иқтисодӣ** | • Мусоидат ба вусъатдиҳии фарогирии хизматрасониҳои молиявӣ ва рушди соҳибкорӣ дар байни занон, ҷавонон ва дигар гурӯҳҳое, ки ба қадри кофӣ хизмат расонида намешаванд, бо истифодаи якҷояи маблағгузорӣ ва дастгирии техникӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои ғайримолиявӣ ва кор бо мақомоти танзимкунанда.<br>• Дастгирии муколамаи сиёсӣ бо ҷонибҳои калидии манфиатдор дар бахши молиявӣ барои беҳтар намудани ҷамъоварӣ ва истифодаи маълумотҳо дар бораи КХМ бо тақсимот аз рӯи ҷинс бо мақсади васеъ гардонидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ.<br>• Тақвият додани фаъолияти сиёсӣ баҳри дастгирии баробарии гендерӣ, аз он ҷумла бартарафсозии монеаҳои дастрасии занон ба касбҳои муайян, татбиқи нақшаҳои амал оид ба коҳишдиҳии ҳолатҳои озори ҷинсӣ ва зӯроварӣ, инчунин рушди эҳтимолии муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон.<br>• Таҳкими рушди сармояи инсонӣ, дастгирии ташаббусҳои рушд, бахусус малакаҳои рақамӣ (ва кибер малакаҳо) ва малакаҳои «сабз», ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор аз бахши хусусӣ ва давлатӣ (масалан, Стандартҳои миллӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ), инчунин омӯхтани барномаҳои нав барои ҳалли мушкилии норасоии малакаҳо, аз он ҷумла дар манотиқи деҳот (масалан, Барномаи минтақавии соҳибкории хурд барои омода намудани мутахассисони оянда).<br>• Баррасии имконияти вусъатдиҳии минбаъдаи фарогирии минтақавӣ, аз он ҷумла ташаббусҳои рақамӣ дар манотиқи деҳот | • Шумораи нафарони малакаҳои нав/такмил-додашуда ба дастоварда (аз он ҷумла сабз/рақамӣ) пас аз хотимаи омӯзиш |
| **Беҳтар намудани идоракунӣ ва шароитҳои бурдани фаъолияти соҳибкорӣ** | • Дастгирии баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонӣ, самаранокии амалиётӣ, зарфияти институтсионалӣ ва идоракунӣ дар мақомоти алоҳидаи давлатӣ ва КД, аз он ҷумла дар бахши энергетика ва омӯхтани имкониятҳо барои пешбурди ислоҳоти дахлдор<br>• Мусоидат ба вусъатдиҳии иштироки бахши хусусӣ ва хизматрасонӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва инчунин тавассути гузаронидани ислоҳоти қоидаҳои харид ва дорои муҳтавои маҳаллӣ<br>• Мусоидат ба рақамикунонӣ барои беҳтар намудани идоракунӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва тақвият додани киберамният<br>• Омӯхтани воситаҳои иловагии дастрасӣ ба фазои соҳибкорӣ, аз он ҷумла чораҳо оид ба коҳишдиҳии бахши ғайрирасмӣ ва пешбурди ташаббусҳо дар самти ҳукумати электронӣ ва таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии идоракунии корпоративӣ<br>• Идома додани кор оид ба такмили идоракунии корпоративии муштариён ва баланд бардоштани сатҳи риояи талаботи меъёрӣ аз тарафи онҳо | • Шумораи муштариёне, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти амалиётиро беҳтар намуданд<br>• Беҳтар намудани фазои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва меъёрӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ |

DRAFT

# 5. Чорабиниҳо ва ҷадвали натиҷаҳо (2/2)

European Bank
for Reconstruction and Development

**Афзалияти 2: Вусъатдиҳии шабакаҳои сабз ва устуворӣ энергетикӣ ва нақлиётӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои мунисипалӣ**

| Вазифаҳои асосӣ | Чорабиниҳо | Нишондиҳандаҳои пайгирӣ |
|---|---|---|
| **Афзундиҳии истифодаи манбаъҳои нерӯи барқароршаванда, баланд бардоштани самаранокии истифодаи энергия ва захираҳо, инчунин баланд бардоштани сатҳи тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим** | • Идомадиҳии маблағгузории барқарорсозӣ ва муосиркунонии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва шабакаҳои интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ<br>• Дастгирии такмилдиҳии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши энергетика. Ҷӯстуҷӯ ва ҳавасмандкунии имкониятҳои маблағгузории лоиҳаҳо дар соҳаи манбаъҳои нерӯи барқароршаванда )пеш аз ҳама офтоб, об ва бод)<br>• Ҷӯстуҷӯ намудани имкониятҳои рушди бозорҳои минтақавии энергетикӣ<br>• Баланд бардоштани устувории молиявӣ ва ба тағйирёбии иқлими захираҳои энергетикӣ, об ва шабакаҳо, нақлиёт, агробизнес, обёрӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба хавфҳои офатҳои табиӣ. Баррасии имконияти дастгирии сиёсии ташаббусҳои дигар, ки ба баланд бардоштани сатҳи тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим нигаронида шудаанд, ва пешбурди гузариши дорои сатҳи пасти партовҳои гази карбон, аз он ҷумла ташаббусҳои ҳукуматӣ<br>• Баррасии имконияти дастгирии боло бурдани самаранокии нерӯ ва захираҳо дар бахшҳои мухталиф тавассути сармоягузориҳои «сабз» (масалан, ба бино), идомадиҳии пешниҳоди маблағгузории «сабз», аз он ҷумла тавассути барномаи GEFF, ва таҳияи нақшаҳои гузариш ба технологияҳои нав дар ММШ дар баробари дастгирии эҳтимолии заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва таҳкими идоракунии корпоративӣ дар соҳаи иқлим<br>• Дастгирии амалигардонии лоиҳаҳои қобили қабул оид ба барқарорсозии захираҳои уран дар лоиҳаи Ҳисоби БАТР оид ба барқарорсозии муҳити зист (ERA) дар Осиёи Марказӣ | • Коҳиши умумии партовҳои $CO_2$ (тонна/сол)<br>• Маблағи умумии энергияи аввалияи сарфашуда (ГҶ/сол)<br>• Иқтидори насбшудаи манбаъҳои нерӯи барқароршаванда (МВт)<br>• Шумора/андозаи қарзҳо барои СН/МНБ, ки аз ҷониби ММШ бо дастгирии БАТР дода шуданд<br>• Баланд бардоштани тавонмандии институтсионалии бахши энергетика ва такмилдиҳии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ |
| **Беҳтар намудани алоқаи нақлиётӣ ва рақамӣ** | • Дастгирии барқарорсозӣ ва вусъатдиҳии шабакаҳои калидии роҳ ва дигар алоқаҳо бо долонҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла сармоягузориҳои эҳтимолӣ ба фурудгоҳҳо, дар баробари машваратҳо оид ба таҳкими идоракунии амалиётӣ ва молиявӣ (масалан, RAMS) ва тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим, инчунин ҳамкории муносиби сиёсӣ<br>• Омӯхтани имконияти тақвиятдиҳии шабакаҳои логистикӣ ва хизматрасониҳо барои мусоидат ба савдои байналмилалӣ<br>• Ҷӯстуҷӯи имкониятҳо барои баланд бардоштани сифати бехатарӣ ва дастрасии инфрасохтори рақамӣ ва хизматрасониҳои дахлдори рақамӣ | • Беҳтар намудани истифода ва/ё иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ ва рақамӣ |
| **Баланд бардоштани устувории хизматрасониҳои шаҳрӣ** | • Дастгирии муосиркунонии минбаъда ва вусъатдиҳии устувории инфрасохтор ва хизматрасонӣ пеш аз ҳама обтаъминкунӣ/баровардани партовоб, аз он ҷумла тавассути баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ва молиявӣ аз ҳисоби тиҷоратикунонӣ (масалан, ислоҳоти тарофаҳо), рақамисозӣ ва таҳкими тавонмандии институтсионалӣ<br>• Ҷустуҷӯи роҳҳои вусъатдиҳии «шаҳрҳои сабз» ба монанди гармидиҳии марказонидашуда, энергетика ва нақлиёти шаҳрӣ (масалан, ҳаракатпазирии электронӣ).<br>• Таҳкими тавонмандии маҳаллӣ дар соҳаи банақшагирии устувории шаҳр ва амалисозӣ<br>• Омӯхтани имкониятҳои маблағгузории низомҳои обёрӣ ва ҳавасмандгардонии истифодабарии устувори об, аз он ҷумла иштирок дар таҳияи сиёсат | • Шумораи баҳрабарандагони хизматрасониҳои беҳтаркардашуда<br>• % иҷрои чорабиниҳо дар доираи Даъвати ҷаҳонӣ ба амал зидди камбизоатӣ |

# 6. Таҳлили пуррасозии мутақобилаи шарикони̅ байналмилали̅ дар самтҳои фаъолияти БАТР

DRAFT

European Bank
for Reconstruction and Development

## Самтҳои фаъолияти БАТР

| | | Бахшҳо | | | | | | | | | Мавзўъҳои байнисоҳави̅ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Бахши корпоративи̅ | | | | | Инфрасохтори устувор | | ММ | | Ташаббусҳои стратеги̅ | | | |
| Ҳаҷми тахминии миёнаи солонаи сармоягузори̅/гранҳо (2020-2023 млн. Евро) | | Саноати хўроквори̅ ва агообизнес | Истеҳсолот ва хизматрасониҳо | Амволи ғайриманқул | ТМТ | Захираҳои табии̅ | Энергетика | Инфрасохтор | Бонкҳо | ММ ғайрибонки̅ | Иқтисоди сабз | Фарогири̅ ва ҷанбаҳои гендери̅ | Асъори маҳалли̅ ва бозори сармоя | Соҳибкории хурд |
| БУ | 245 | ○ €P | | | ○ €P | | ○ €P | ○ €P | | | ○ €P | ○ €P | | |
| БОР | 148 | | | | | | ○ €P | ○ €P | ● €P | | ○ €P | ○ €P | ● €P | ● €P |
| ИА | 40 | | | | ○ €P | ○ €P | ○ €P | ○ €P | | | ○ €P | ○ €P | | |
| KfW | 25 | | | | | | ○ €P | | ● € | | ◐ €P | ◐ €P | | ◐ €P |
| КБМ | 9 | ● € | ● € | | | | | | ● € | ● € | ● € | | ● € | ● € |
| **БАТР** | **57** | ● € | ● € | | | | ○ €P | ○ €P | ● €P | | ◐ €P | ● €P | ● P | ● €P |

€ Соҳаи сармоягузориҳои назаррас

P Соҳаи иштироки назаррас дар сиёсат

● Асосан ба бахши хусуси̅ нигаронида шудааст

○ Асосан ба бахши давлати̅ нигаронида шудааст

## Самтҳои эҳтимолии ҳамкори̅

**Созгори̅ бо муҳити зист**

- Омўхтани имкониятҳои ҳамкори̅ барои пешбурди сармоягузори̅ дар самти баланд бардоштани самаранокии захираҳои энергетики̅ ва об ва сармоягузори̅ ба чораҳои боло бурдани тобовари̅ ба тағйирёбии иқлим дар тамоми бахшҳо якҷо бо БУ, БОР ва дигар ташкилотҳо. Омўхтани имконияти сармоягузори̅ ба МНБ дар ҳамкори̅ бо КБМ.

**Фарогири̅**

- Ҳамкори̅ бо БУ бо мақсади мусоидат ба рушди соҳибкори̅ дар байни ҷавонон ва занон, сармояи инсони̅ ва малакаҳо

**Ҳамбастаги̅**

- Тақвияти ҳамоҳангсози̅ бо БОР, ИА ва БУ барои маблағгузории муштараки инфрасохтори устувор

**Тобовари̅**

- Тақвияти ҳамоҳангсозии сиёсат оид ба ислоҳоти маблағгузории соҳа бо ХБА ва донорон.

**Идоракунии муассир**

- Ҳамкории зич бо дигар МБМ оид ба масоили такмили идоракуни̅ дар тамоми̅ соҳаҳо ва бахусус бо муштариён ва шарикон аз бахши давлати̅.

Эзоҳ: Инъикоси фаъолияти МБМ ба маълумоти дастраси умум асос ёфтааст. Сармоягузориҳои назарраси МБМ ҳамчун лоиаҳое муайян мешаванд, ки аз ҳудуди 5% сармоягузориҳои солона мегузаранд

# 7. Хавфҳо ҳангоми амалигардонии стратегия ва пайомадҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

European Bank for Reconstruction and Development

DRAFT

| Хавфҳои алоқаманд бо татбиқи стратегия стратегии | Эҳтимолият | Таъсир |
|---|---|---|
| • Вазъи геополитикии таъсиррасон ба шарикони асосии тиҷоратӣ ва ба манбаъҳои интиқоли маблағ ва инчунин ба хавфҳои алоқаманд бо таҳримҳо | Миёна | Баланд |
| • Зарфияти амалигардонӣ дар байни шарикон аз бахши давлатӣ | Баланд | Миёна |
| • Имкониятҳои маҳдуди қарзгирӣ барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ | Миёна | Баланд |
| • Мавҷуд набудани дастгирии донорҳо барои маблағгуҳории мушатараки сармоягузориҳо (барои иҷрои талаботҳо дар бораи маблағгузории муштараки грант) ва дастгирии техникӣ | Миёна; Баланд | Баланд; Баланд |
| • Шароитҳои мураккаб барои гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ | Миёна | Миёна |
| • Андозаи хурди бахши хусусӣ | | |

Баланд — Миёна — Паст

## Пайомадҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

- **Арзёбӣ ва идоракунии таъсир ба муҳити зист ва соҳаи иҷтимоӣ:** Тоҷикистон кишвари кӯҳии дорои 6% заминҳои корам бо чунин мушкилиҳо ба монанди аз меъёр зиёд чарронидани чорво, харобшавии замин ва майдони маҳдуди ҷангал дар соҳаи кишоварзӣ дучор мешавад. Таъминоти барқ доимӣ нест, манбаи асосӣ ҳезум аст. Барои ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ баланд бардоштани тавонмандӣ дар самти арзёбиҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва низомҳои идоракунӣ ва инчунин идоракунии паймонкорон метавонад зарур шавад.
- **Меҳнат ва шароитҳои он**: БАТР мувофиқ будани сиёсати кадриро бо стандартҳои худ пайгирӣ намуда, ба шароитҳои меҳнат, кор бо паймонкорон, чораҳои зиддитабъизӣ ва имкониятҳои баробар диққати махсус медиҳад. Афзалиятҳои калидӣ ҳалли мушкилии озори ҷинсӣ ва зӯроварӣ (ОҶЗ) дар доираи лоиҳаҳо ва таҳкими тавомандии муштариёнибарои ҳалли чунин мушкилиҳо маҳсуб меёбанд.
- **Самаранокии истифодаи захираҳо, ҳодисаҳои хавфноки табиӣ, пешгирӣ ва назорати ифлосшавии муҳити зист:** Тоҷикистон дучори офатҳои табиӣ мегардад, аз он ҷумла ба заминларза, обхезиҳо ва ярч, ки ба соҳаи гидроэнергетика ва обёрӣ таъсир мерасонанд. Муосиркунонии инфрасохтори гидроэнергетика ва саноати истихроҷи маъдан ва ҷорисозии усулҳои устувори пешбурди фаъолияти кишоварзӣ метавонанд талафоти захираҳоро коҳиш диҳанд. Талошҳои баланд бардоштани зарфият дар соҳаи идоракунии партовҳо, обёрӣ ва самаранокии истифодаи об барои ҳалли ин мушкилиҳо ҳаётан муҳим мебошанд.
- **Саломатӣ ва бехатарӣ:** Дар соҳаи ҳифзи меҳнат, саломатӣ ва бехатарӣ стандартҳо вуҷуд доранд, аммо риояи онҳо метавонад мухталиф бошад. Бахусус мушкилиҳои алоқаманд бо ҳифзи меҳнат аксар вақт дар байни паймонкорон ва корганони муҳоҷир ба миён меоянд. Коргарони соҳаи кишоварзӣ низ бо мушкилиҳои алоқаманд бо дастрасии маҳдуд ба воситаҳои муосири муҳофизат ва таъсири маводҳои хатарнок дучор мешаванд.
- **Бегонакунии ҳуқуқи истифодабарии замин, муҳоҷиркунонии иҷборӣ ва муҳоҷирати иқтисодӣ**: Азбаски кишвар лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва энергетикиро дар шароити майдонҳои маҳдуди заминҳои корам амалӣ мегардонад, мушкилиҳои ҷиддӣ метавонанд ба миён оянд. БАТР риояи талаботи Бонкро оид ба пардохти ҷубронпулӣ ва барқарорсозии воситаҳои рӯзгузаронӣ бо диққати махсус ба заминистифодабарандагони ғайрирасмӣ, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва инчунин муқарраровт оид ба мониторингро таъмин менамояд.
- **Нигоҳдории гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои зиндаи табиӣ**: Лоиҳаҳои рушд ва тағйирдиҳии манбаъҳои воситаҳои рӯзгузаронӣ гуногунии биологии Тоҷикистонро зери хатар мегузоранд. Низомҳои экологӣ аз вусъатдиҳии инфрасохтор зарар мебинанд ва ҷомеаҳо аз захираҳои маҳдуд ҷангалҳо барои гирифтани сӯзишворӣ ва чарронидани чорво вобастаанд, ки дар навбати худ сарбориро афзоиш медиҳад. Мусоидат ба идоракунии устувори захираҳо, масалан ивазкунии ҷойҳои чарронидани чорво ва нигоҳдории ҷангалҳо, инчунин вусъатдиҳии имконоти арзёбии гуногунии биологӣ стратегияҳои муҳим барои таъмини мувозинат байни рушд ва нигоҳдорӣ ба ҳисоб мераванд.
- **Мероси фарҳангӣ:** мероси Тоҷикистон, ки ба он анъанаҳои форсӣ, туркӣ ва исломӣ таъсир расониданд бо хавфҳои алоқаманд бо лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва захираҳои маҳдуд барои нигоҳдорӣ дучор мешавад. БАТР БАТР барои ҳифзи мавзеъҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим бо ҷалби тарафҳои манфиатдор ва дастгирии муштариён дар идоракунии захираҳои фарҳангӣ тибқи таҷрибаи пешқадам кор бурда истодааст.
- **Миёнаравони молиявӣ:** БАТР ба ҷорӣ намудани усулҳои оқилонаи идоракунии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, аз он ҷумла имкониятҳои ба андоза ва фаъолиятҳои онҳо мувофиқ фаъолона мусоидат мекунад. БАТР зарфияти кадрӣ, баробарии гендерӣ, ҳифзи саломатӣ ва бехатариро дар доираи фаъолияти худ таҳким медиҳад. БАТР баъзе аз муассисаҳои молиявии шарикро дар таҳияи нақшаҳои оид ба гузариш ба шароитҳои иқлим низ дастгирӣ намуд.

DRAFT

# 8. Арзёбии муносибатҳои шарикӣ бо донорҳо

European Bank
for Reconstruction and Development

## Арзёбии эҳтиёҷот дар давраи стратегияи нави кишвар

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегияи нави кишвар, маблағҳои донорӣ метавонанд барои дастгирии якчанд самтҳои асосии фаъолият зарур бошанд:

- Дастгирии хизматрасониҳои машваратӣ ва баланд бардоштани тавонмадии ширкатҳо ва корхонаҳои хурду миёна тавассути ҲТ, ки фаъолияти онҳ ба агробизнес, ташаббусҳои рақамӣ ва сабз нигаронида шудааст. Воситаҳои тақсими хавфҳо барои рушди маблағгузории маҳаллӣ, бозорҳои сармоя ва талошҳо оид ба таъмини устуворӣ.
- Истифодаи маблағгузории имтиёзнок барои таъмини дастрасии молиявӣ ва инкишофи малакаҳо барои он гуруҳи аҳолие, ки ба кадри кофӣ хизмат расонида намешаванд. Пешбурди баробарии гендерӣ, ҳалли масъалаи норасоии малакаҳо ва вусъатдиҳии фарогирӣ бо истифода аз сиёсати ҲТ.
- Такмилдиҳии ислоҳоти КД, иштироки бахши хусусӣ, ҳукумати электронӣ ва беҳтар намудани фаъолити соҳибкорӣ дар соҳаи энергетика. Инфрасохтор ва манзил бо истифода аз маблағгузории имтиёзнок ва ҲТ.
- Мусоидат ба рушди манбаъҳои нерӯи барқароршаванда, муосиркунонии низомҳои энергетикӣ ва баланд бардоштани сатҳи тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим дар баробари афзоиши ҳаҷми маблағгузории «сабз» ва ҳавасмандгардонии гузариш ба технологияҳои дорои сатҳи пасти партови гази карбон бо истифода аз қарзҳои имтиёзнок, грантҳо барои хароҷотҳои асосӣ, ҲТ ва воситаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ.
- Маблағгузории грантҳо барои хароҷотҳои асосӣ ва ҲТ барои дастгирии инфрасохтори устувори муниципалӣ, савдо ва баланд бардоштани самаранокӣ аз ҳисоби тиҷоратикунонӣ ва баланд бардоштани тавонмандӣ, инчунин барои ҳавасмандкунии татбиқи лоиҳаҳои тобовар ба тағйирёбии иқлим дар соҳаи обтаъминкунӣ ва обёрӣ.

## Манбаъҳои эҳтимолии маблағҳои донорон

- Дар кишвар ИА ва донорҳои дуҷониба нақши муҳимро мебозанд. Дар байни онҳо Швейтсария, Австрия, Канада, Тайбэйи Чин, Япония, Корея мебошанд. Қисми зиёди маблағҳои ин донорон барои дастгирии омодакунӣ ва татбиқи лоиҳаҳо, машваратдиҳӣ оид ба масоили сиёсат, тадқиқотҳо ва паҳнкунии маълумот, инчунин ба машваратдиҳӣ оид ба масалаҳои соҳибкорӣ равона карда мешаванд. Дастгирӣ метавонад дар доираи барномаи «Шарикии таъсири баланд оид ба амал дар соҳаи иқлим» (HIPCA) низ пешниҳод гардад, ки барои лоиҳаҳои алоқаманд бо иқлим дастрас мебошанд ва аз грантҳои ҲТ ва воситаҳои сармоягузории муштарак истифода мебаранд.
- Интизор аст, ки Хазинаи иқлимии сабз (ХИС) ва Хазинаи глобалии экологӣ (ГЭФ) барои лоиҳаҳои алоқаманд бо иқлим дар Тоҷикистон хазинаҳои асосӣ боқӣ мемонанд ва қарзҳои имтиёзнок ва грантҳоро барои дастгирии омодакунӣ ва татбиқи лоиҳаҳо пешниҳод мекунанд. Грантҳои ҲТ барои тадқиқотҳо ва машваратҳо оид ба масоили сиёсат низ пешниҳод мегарданд ва бо ин восита талошҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи тобоварӣ ба иқлим ва талошҳои таъмини устуворӣ таҳким дода мешаванд.
- Интизор аст, ки тақсимкунии хавфҳо ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо тавассути Хазинаи таъсир ба соҳибкории хурд ва Хазинаи асъори миллӣ барои КХМ ва инчунин тавассути Хазинаи устувории инфрасохтор амалӣ мегарданд. Хазинаҳои мазкур соҳаҳои гуногунро дастгирӣ мекунанд, ки ба афзоиши иқтисодӣ ва устувор дар кишвар мусоидат менамоянд.

## Нишондиҳандаҳои алоҳидаи дастрасӣ

| | | *Раддабандии просентилии БАТР*[1] |
|---|---|---|
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (ПҚХ, бо нархҳои ҷорӣ. долл. ИМА)[2] | 4,964 | 0 |
| Кишвари КРР | ҳа | д/н |
| Ҳиссаи КРР дар даромади маҷмӯии миллӣ (%)[3] | 3.49 | 52% |
| КРР ба ҳар сари аҳолӣ (долл. ИМА – бо нархҳои ҷорӣ)[3] | 52.06 | 29% |

## Маблағгузории донорон дар давоми охирин давраи стратегӣ (млн. евро)[4]




## Истифодаи маблағ дар солҳои 2019-2024.[5]




*1. Раддабандии оддии просентилии ҳамчун ҳиссаи кишварҳои БАТР гузориш додашуда, ки аз Тоҷикистон поёнтар нишон дода шудаанд. 2. Таҳлили иқтисодии ҷаҳон (ТИҶ) (2024) 3. СҲИР (2021) 4. Маблағҳо дар асоси маблағҳои мақсаднoки пешбинишуда дар сатҳи уҳдадориҳо ҳисоб карда шудаанд. 5. Дар асоси сифати ибтидоии захираҳои имтиёзнок дар давраи гузариш.*

БАРОИ ИСТИФОДАИ УМУМ

DRAFT

# Замима

European Bank
for Reconstruction and Development

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (1/10)

*Ҷонибдории принсипҳои сиёсии Моддаи 1 аз тарафи Тоҷикистон, ки дар Созишнома дар бораи таъсисёбии Бонк дарҷ шудаанд ва татбиқи онҳо бо нигарониҳои ҷомеаи байналмилалӣ дар мавриди ҳимояи ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар давоми давраи гузаштаи татбиқи Стратегияи кишварӣ, қайд карда шуд.*

Аз замони ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати соҳибистиқлол ва расидан ба сулҳ дар кишвар ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд. Аз соли 1992 то 1997 дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ идома кард, ки дар он аз 50 000 то 100 000 нафар кушта шуданд. Созишномаи сулҳи соли 1997, ки бо миёнаравии СММ ва САҲА ба имзо расид, созиши фарогир, демократӣ ва сулҳофарро пешбинӣ карда буд, аммо дар амал низоми сиёсӣ ниҳоят марказонида шуд ва Ҳукумат диққатро ба таъмини суботи сиёсӣ равона сохт. Дар давмои давраи пас аз қабули охирин Стратегияи кишварӣ сипаришуда чунин ҳаракат ба самти идоракунии мутамарказ шиддат гирифт. Аз замони қабули Стратегияи қаблӣ кишвар бо мушкилиҳои нав дар самти амният, аз он ҷумла бозгашти толибон ба қудрат дар соли 2021 дар ҳамсоякишвари Афғонистон дучор шуд.

Аз замони қабули Стратегияи қаблии кишвар, Тоҷикистон ба таври густурда бо СММ ва дигар механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла дар доираи муколамаи ҳамасола оид ба ҳуқуқҳои инсон бо ИА ҳамкорӣ кардааст. Тоҷикистон як зумра гузоришгарони вижаи Созмони Милалро дар чанд самти мавзӯӣ пазирой намудааст.[1] Дар гузориш ва хабарҳои ниҳодҳои мазкур нигаронии афзоянда дар мавриди равандҳои интихобот ва маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд мешавад. Соли 2023, қисман дар посух ба интиқоди мазкур, Ҳукумат Стратегияи миллии ҳифзи ҳуқуқи инсонро то соли 2038 роҳандозӣ намуд. Нақшаи амали ҳамроҳ ба иҷро намудани тавсияҳои аз ҷониби СММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ пешниҳодшуда нигаронида шудааст. Дар бобати қабул намудани қонуни нав дар бораи баробарӣ низ пешрафти мусбат ба даст омад.

## Интихоботи озод ва ҳукумати намоянда

### *Интихоботи озод, одилона ва рақобатпазир*

Аз замони ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 интихобот дар Тоҷикистон мунтазам баргузор мегардад ва дар баробари ин принсипи ҳуқуқи умумии интихобот риоя карда мешавад. Интихоби 63 вакили Маҷлиси намояндагон, маҷлиси поёнии Маҷлиси олии ду палатагӣ ҳар панҷ сол баргузор мегардад. Дар баробари ин 41 вакил аз рӯи ҳавзаҳои якмандатӣ ва 22 вакил аз рӯи рӯйхат бо ҳадди 5% интихоб мешаванд. 33 нафар аъзои Маҷлиси Миллӣ аз ҷониби маҷлисҳои минтақавӣ ва Президент таъин карда мешаванд. Интихоботи президентӣ ҳар ҳафт сол баргузор мешавад.

1. Аз он ҷумла Гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаҳои савдои одамон, бахухус занон ва кӯдакон (2021), Гузоришгари вижаи СММ оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи башар (2022), Гузоришгари вижаи СММ оид ба озодии дин ва эътиқод (2023), Гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо (2023).

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (2/10)

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии гузаронидани интихоботи озодро муқаррар мекунад. Дар моддаи 6 гуфта мешавад: «Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст». Дар моддаҳои 49 ва 65 гуфта мешавад, ки интихоботи Маҷлиси намояндагон ва Президент ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Маҷлиси намояндагон (моддаи 57) барои таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР), интихоб ва бозхонди аъзои он (инчунин таъини раис ва муовини ӯ) бо пешниҳоди Президент салоҳият дорад.

САҲА/ДИДҲБ пайваста барои назорат ё арзёбии интихобот дар Тоҷикистон ҳайатҳои худро мефиристад, аммо нисбати баргузории онҳо баҳои мухталиф додааст. Дар гузориши ниҳоии Ҳайати САҲА/ДИДҲБ оид ба арзёбии интихоботҳо (ҲАИ) дар бораи интихоботи охирини президентии соли 2020, ки дар он президент Раҳмон дар натиҷаи ба даст овардани 92% овозҳо пирӯз шуд, чунин хулоса оварда мешавад: «Ба интихобкунандагон ягон алтернативаи воқеии сиёсӣ пешниход карда нашуд, миёни номзадҳои расмӣ танҳо баҳсҳои сохташуда сурат гирифт ва ягон расонаи мустақиле, ки маъракаи пешазинтихоботиро инъикос мекард, ҳузур надошт». САҲА/ДИДҲБ ба гузаронидани "ислоҳоти ҳамаҷониба [...] барои мутобиқсозии раванди интихобот ба ӯҳдадориҳои Тоҷикистон дар доираи САҲА ва дигар ӯҳдадориҳо ва стандартҳои байналмилалӣ оид ба интихоботи демократӣ даъват ба амал овард»." [2]

САҲА/ДИДҲБ ҳайатро барои арзёбии интихоботи парлумонии моҳи марти соли 2025 пас аз баҳс дар бораи аккредитатсияи нозирон нафиристод. САҲА аз соли 2000 инҷониб гузаронидани тамоми интихоботҳои қаблиро назорат бурдааст. Дар арзёбии пешазинтихоботии эҳтиёҷот, ки аз ҷониби ДИДҲБ гузаронида шуд дар мавриди "идома ёфтани адами низоми мустақилияти судӣ, маъмурияти интихобот ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва инчунин  ошкоро бад шудани вазъи риояи ҳуқуқҳо ба ошкорбаёнӣ, иттиҳодҳо ва ҷамъомадҳо, изҳори нигаронӣ карда шуд»." [3] Ба ягон ҳизби мухолиф иҷозати ширкат дар интихобот дода нашуд, ва мақомот расонаҳои мустақилро барои инъикоси раванди овоздиҳӣ аккредитатсия надоданд. Дар Маҷлиси Намояндагон танҳо номзадҳо аз Ҳизби ҳокими халқии демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) ва чаҳор ҳизби дигари ҷонибдори ҳукумат ҷой гирифтанд.

*Тақсими салоҳиятҳо ва таъмини низоми муассири назорат ва мувозинат*

Конститутсия заминаи ҳуқуқии тақсими ҳокимиятро муқаррар мекунад. Дар моддаи 1 омадааст, ки Тоҷикистон ҷумҳурии президентӣ мебошад ва дар моддаи 9 омадааст: «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад». Дар бобҳои дахлдори Конститутсия нақш ва ваколатҳои Парлумон («мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор»), вазифа ва ваколатхои Президент («сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия»), Хукумат (моҳиятан мақомоти иҷроияи тобеи Президент, Парлумон назоратро амалӣ мегардонад) ва судҳо (мустақилияти ҳокимияти судӣ дар поён муҳокима карда мешавад) ба таври равшан муайян карда шудаанд.

2. САҲА/ДИДҲБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи президентӣ, 11 октябри соли 2020, Ҳайати арзёбии интихобот. Ҳисоботи ниҳоӣ. 19 январи соли 2021, саҳ. 1.

3. САҲА/ДИДҲБ, Надоштани аккредитатсияи Тоҷикистон камтар аз як моҳ пеш аз интихобот идомаи фаъолияти Ҳайати нозирони САҲА-ро ғайримумкин мегардонад, варақаи матбуотӣ, 4 феврали соли 2025

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (3/10)



Салоҳиятҳои расмии Президент хеле васеъ мебошанд. Президент самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишварро муайян мекунад, Сарвазир ва дигар вазирон, инчунин роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавиро бо тасдиқи минбаъда аз ҷониби Парлумон ё Маҷлиси вилоятӣ ба вазифа таъин ва озод менамояд, инчунин Шӯрои амниятро таъин ва роҳбарӣ мекунад. Муҳимтар аз ҳама, Президенти кунунӣ Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1994 инҷониб дар мақом аст ва қудрати назарраси ғайрирасмиро новобаста аз меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ ҷамъ намудааст. Пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ таъмини суботи сиёсиро дар кишвар хизмати бевоситаи ӯ дониста, дар низоми сиёсӣ ва умуман ҷомеа нуфуз ва эътибори беназир пайдо кард.

Нақши бартаридоштаи Президент амалан беш аз пеш тибқи қонун ифодаи худро меёбад. Дар натиҷаи баргузор намудани райъпурсиҳои конститутсионии солҳои 1999 ва 2003 мӯҳлати ваколати Президент аз панҷ ба ҳафт сол ва мӯҳлати ҳадди аксари ифои вазифа аз як то ду мӯҳлат зиёд карда шуд. Раъйпурсии моҳи майи соли 2016 тамоми маҳдудиятҳои давраи президентиро бекор кард ва моҳи ноябри соли 2016 Парлумон қонуни конститутсиониро ба тасвиб расонид, ки дар натиҷа ба Эмомалӣ Раҳмон унвони "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат", инчунин як қатор имтиёзҳои якумра, аз он ҷумла ҳуқуқи муроҷиат ба миллат оид ба масъалаҳои муҳим, иштирок дар ҷаласаҳои Парлумон ва Шӯрои Амният ва машварат оид ба масъалаҳои асосии сиёсат дода шуд. Моҳи апрели соли 2020 Рустами Эмомалӣ, писари калонии Президенти кишвар, раиси Маҷлиси Миллӣ, дуввумин мақоми муҳимтарин тибқи Конститутсия интихоб гардид.

*Ваколатҳои таъсирбахши идоракунӣ барои шахсони мансабдори интихобшаванда*

Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии ваколатҳои таъсирбахши шахсони мансабдори интихобшавандаи Тоҷикистонро муқаррар мекунад. Дар моддаи 6 омадааст, ки "ғасби ҳокимият ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст". Дар Конститутсия ваколатҳои Парлумон, Президент ва дигар мақомоти интихобшаванда равшан ифода ёфтааст. Дар моддаи 6 низ омадааст: «Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳуқуқ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд». Дар идомаи моддаи 8 омадааст: Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Дар он ҳамчунин гуфта мешавад, ки «иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд», ва «маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст». Дар амал, чунон ки дар боло қайд карда шуд, Президенти интихобшуда ваколатҳои васеи расмӣ ва қобилияти пурра идоракунии мамлакатро дорад. Нерӯҳои мусаллаҳ ва ниҳодҳои амниятии Тоҷикистон таҳти назорати бевоситаи Президент қарор доранд ва дар раванди тасмимгирӣ дар кишвар нақши мустақил надоранд.

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (4/10)

European Bank
for Reconstruction and Development

## Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва иштирок

*Микёс ва мустақилияти ҷомеаи шаҳрвандӣ*

Конститутсия заминаи ҳуқуқии ҷомеаи озоду фаъоли шаҳрвандиро муқаррар мекунад. Дар моддаи 8 омадааст: «Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ... дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд». Дар Моддаи 28 гуфта мешавад: «Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад». Аз замони ба даст овардани истиқлолият ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ТҶШ) дар Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар нақши муҳим мебозанд. То моҳи апрели соли 2024, тибқи омори расмӣ, дар кишвар 1813 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекарданд.[4]

Як қатор қонунҳо тадриҷан барои ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳити нисбатан маҳдуди ҳуқуқӣ эҷод намуданд. Тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», ки солҳои 2015 ва 2019 қабул шудаанд, талаботҳои навро барои ТҶШ дар мавриди ҳисоботдиҳӣ дар бораи молия ва фаъолияти худ ба мақомот ҷорӣ карданд. Дар гузоришҳои СММ аз он изҳори нигаронӣ мешавад, ки ислоҳот фаъолияти ТҶШ-ро мушкилтар кардааст. [5] Мувофиқи гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо, Қонун «Дар бораи муқовимат бар зидди терроризм (2020) ва Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (2021) хеле васеъ таҳия шудаанд ва метавонанд барои маҳдуд кардани фаъолияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода шаванд.[6] Тибқи гузоришҳои СММ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ бо ҳолатҳои таъқиб дар шакли санҷишҳои андозӣ ва дигар санҷишҳои меъёрӣ ва маъмурӣ ҳамроҳ мешаванд.[7]

Созмонҳои байналмилалӣ пайваста аз бад шудани шароити фаъолияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон изҳори нигаронӣ мекунанд. Гуруҳи кории СММ оид ба ғайб задани маҷбурӣ ё ғайриихтиёрӣ моҳи сентябри соли 2024 гузориш дод, ки он аз "маълумоти бадастомада дар бораи тадриҷан маҳдуд шудани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар ҳоле ки ҳомиёни ҳуқуқи башар, рӯзноманигорон ва дигар аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ дучори назорат, таҳдид, тарсонидан, таъқиб ва аксари вақт боздошти худсарона мешаванд", нигарон аст.[8] Дар варақаи матбуотии пас аз Муколамаи 14-уми ҳуқуқи башар бо ИА моҳи декабри соли 2023 нашршуда қайд мешавад, ки «ИА дар робита бо маҳдудиятҳои озодии иштироки сиёсӣ ва озодии баён, бахусус дар мавриди беш аз пеш маҳдуд шудани фазо барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳои мустақил, изҳори нигаронӣ кардааст». [9]

4. Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СММ дар Женева, Маълумоти алоқаманд бо мурочиати гузоришгарони вижа, 6 майи с. 2024.
5. Гузориши Гузоришгари вижа оид ба хариду фурӯши одамон, бахусус занон ва кӯдакон, Сиобан Муллали Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 5 майи соли 2022, саҳ. 14.
6. Гузориши Гузоришгари вижа оид ба масъалаи ақаллиятҳо, Фернан де Вареннес, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 13 феврали 2024, саҳ. 7.
7. Гузоришгари вижаи СММ оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи башар, Мэри Лоулор: мушоҳидаҳо ва тавсияҳои пешакӣ, 9 декабри соли 2022.
8. Чораҳои минбаъда оид ба иҷрои тавсияҳои Гуруҳи корӣ оид ба ғайб задани маҷбурӣ ё маҷбурӣ дар гузориши худ дар бораи сафари худ ба Тоҷикистон аз 1 то 5 июли соли 2019, Гузориши Гуруҳи корӣ оид ба ғайб задани маҷбурӣ ё маҷбурӣ, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 12 июли 2024, саҳ. 3.9. ИА, «Тоҷикистон: Муколамаи 14-ум оид ба ҳуқуқи инсон бо ИА, варақаи матбуотӣ, 14 декабри соли 2023.

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1(5/10)



Моҳи ноябри соли 2023 вазири адлия эълон кард, ки дар 18 моҳи охир дар Тоҷикистон 700 ташкилоти ғайридавлатӣ барҳам дода шуд. Аксари онҳо аз сабаби набудани маблағ ё дигар сабабҳо аллакай фаъол набуданд. Аммо ба назар мерасад, баъзеҳо дар воқеъ таҳти фишори мақомот маҷбур шудаанд, ки баста шаванд. Моҳи марти соли 2024 Мэри Лоулор, гузоришгари вижаи СММ дар бораи вазъи ҳомиёни ҳуқуқи башар аз баста шудани иҷбории ташкилотҳои ғайридавлатии ҳуқуқи башар интиқод кард. [10] Дар амал, маҳдудиятҳо вобаста ба минтақа фарқ мекунанд. Тибқи маълумоти СММ, тақрибан аз 300 созмоне, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) дар оғози соли 2022 сабти ном шудаанд, танҳо тақрибан 10% то соли 2024 фаъолият доранд. [11]

Заминаи ҳуқуқии иттифоқҳои касабаи мустақил ва ҳифзи ҳуқуқи меҳнат вуҷуд дорад. Дар амал ягона иттифоқи касабаи миллӣ, ки ба фаъолияташ иҷозат дода шудааст, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон мебошад, ки таҳти назорати Ҳукумат қарор дорад.

*Истиқлолият ва гуногунандешии ВАО, ки бидуни сензура фаъолият мекунанд*

Конститутсия заминаи ҳуқуқии фаъолияти ВАО-и озодро муқаррар мекунад. Дар моддаи 30 омадааст: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад». Дар идома гуфта мешавад: «Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст». Шӯрои давлатии ҳуқуқи башар дар пахши телевизион ва радио бартарӣ дорад ва бисёре аз сомонаҳо ва рӯзномаҳоро назорат мекунад ва дар гузориши САҲА хулосае оварда шудааст, ки “фазои ВАО аз рақамҳо ва на аз гуногунандешӣ ва гуногунрангии муҳтаво ғанӣ мебошад ва бозори ВАО асосан таҳти назорати давлат қарор дорад».[12]

Созмонҳои байналмилалӣ аз манъи фаъолияти расонаҳои мустақил ва боздошту зиндонӣ кардани чанд рӯзноманигор тибқи қонунҳои бехатарӣ изҳори нигаронӣ кардаанд. Тибқи Гузориши САҲА/ДИДҲБ дар бораи пӯшиши раванди интихобот дар ВАО соли 2020: "Фазои ҷамъиятӣ барои муҳокимаҳои гуногунандешона маҳдуд аст, зеро расонаҳо ба мақомот тобеъанд ва манобеъи интиқодӣ дар интернет аксар вақт масдуд мешаванд".[13] Намояндаи САҲА оид ба масъалаи озодии матбуот дар як изҳорот пас аз сафараш ба Тоҷикистон моҳи октябри соли 2022 аз зиндонӣ кардани хабарнигорон интиқод намуд. [14] Моҳи декабри соли 2022 Гузоришгари вижаи СММ оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи башар хабар дод, ки дар шаш моҳи охир ҳудуди 20 рӯзноманигор ва блогер боздошт шудаанд ва аз эътимоднокии далелҳои боздошти онҳо изҳори нигаронӣ кард. [15]

Тақрибан 41% аҳолӣ дар соли 2023 ба интернет дастрасӣ доштанд, ки аз рӯи стандартҳои минтақавӣ паст аст, аммо нисбат ба солҳои қаблӣ афзоиши назаррасро инъикос мекунад. Мақомот муҳтавои таблиғи ифротгароии мазҳабӣ ё терроризмро масдуд мекунанд, аммо дастрасӣ ба бархе аз сомонаҳои сиёсӣ ва хабарии мустақар дар хориҷ аз Тоҷикистон низ маҳдуд аст. Баъзан мақомот дар давраҳои муноқиша, бахусус дар ВМКБ дастрасӣ ба интернетро масдуд мекарданд.

10. Тоҷикистон: Коршиноси СММ аз барҳам додани 700 созмони ғайридавлатӣ интиқод кард. Варақаи матбуотии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, 8 марти соли 2024.
11. Тоҷикистон: Коршиноси СММ аз барҳам додани 700 созмони ғайридавлатӣ интиқод кард. Варақаи матбуотии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон, 8 марти соли 2024.
12. САҲА/ДИДҲБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Интихоботи парлумонӣ, 1 марти соли 2020, Ҳисоботи ниҳоии Ҳайати арзёбии интихобот, 27 майи соли 2020, саҳ. 17.
13. САҲА/ДИДҲБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Интихоботи парлумонӣ, 1 марти соли 2020, Ҳисоботи ниҳоии Ҳайати арзёбии интихобот, 27 майи соли 2020, саҳ. 5
14. Боздиди ниҳоӣ ба Тоҷикистон, Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО аз мақомот ба ҳалли масъалаҳои мухталифи озодии ВАО даъват ва кумак пешниҳод мекунад, Варақаи матбуотӣ, Душанбе, 7 октябри соли 2022.
15. Гузоришгари вижаи СММ оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи башар Мэри Лоулор: Мушоҳидаҳо ва тавсияҳои пешакӣ, 9 декабри 2022.

DRAFT

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (6/10)

*Каналҳои сершумори иштироки шаҳрвандӣ ва сиёсӣ*

Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар муқаррар мекунад. Дар моддаи 27 гуфта мешавад, ки «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд». Дар моддаи 25 қайд шудааст, ки «мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст». Дар амал, чи тавре ки дар боло ва дар поён кайд карда шуд, фазо барои иштироки шаҳрвандон ва ҷамъият маҳдуд шуд. Аммо ширкат дар фаъолияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва то андозае дар аҳзоби сиёсӣ ба шаҳрвандони Тоҷикистон имкони маҳдуди ширкат дар ҳаёти ҷамъиятиро фароҳам меорад.

*Озодии таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ва мавҷудияти мухолифини муташаккил*

Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ва иштирок дар мухолифати муташаккили сиёсиро барои шаҳрвандон муқаррар мекунад. Дар моддаи 28 гуфта шудааст: «Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ иштирок кунад… ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад». Дар амал, тибқи маълумоти САҲА, аз соли 2005 то кунун ягон ҳизби нави сиёсӣ ба қайд гирифта нашудааст.[16] То соли 2015 дар Тоҷикистон то замони мамнӯъ эълон шудани Ҳизби Наҳзати Исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) саҳнаи гуногунрангтари ҳизбию сиёсӣ вуҷуд дошт. Аз лаҳзаи анҷомёбии ҷанги шаҳрвандӣ он дар Парлумон намояндаи худро дошт. Дар интихоботи охирини парлумонии моҳи марти соли 2025 ба шаш ҳизби сабтиномшуда иҷоза дода шуд, ки дар овоздиҳӣ ширкат кунанд, аммо аксарияташон аз баёни ҳар гуна мухолифат ба сиёсати ҳозираи Ҳукумат худдорӣ мекарданд.

## Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ

*Волоияти қонун*

Конститутсия аз ибтидо заминаи ҳуқуқии волоияти қонун ва дастрасии адолатро муқаррар мекунад. Дар моддаи 1-ум омадааст, ки Тоҷикистон “давлати ҳуқуқбунёд” аст ва дар моддаи 10 як қатор принсипҳои асосие, ки волоияти қонунро таъмин мекунанд, зикр шудааст.

Мустақилияти низоми судӣ

Конститутсия заминаи ҳуқуқии мустақилияти ҳокимияти судиро муқаррар мекунад. Дар моддаи 84 гуфта мешавад, ки «Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад». Инро моддаи 87 тасдик мекунад, ки дар он гуфта мешавад: «Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст. Моддаи 91 тасдиқ мекунад, ки «Судя ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад».

16. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Интихоботи парлумонӣ, 1 марти соли 2020. Ҳайати арзёбии интихоботҳои САҲА/ДИДҲБ. Ҳисоботи ниҳоӣ. 27 майи соли 2020, саҳ.4.

DRAFT

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1(7/10)

Тоҷикистон қисман дар посух ба тавсияҳои СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ чанд давраи ислоҳоти судиро анҷом дод. Аммо дар соли 2024 Гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо гузориш дода буд, ки “дар Тоҷикистон то ҳол низоми судӣ мустақил ҳисобида намешавад ва судяҳои инфиродӣ дар баробари фишори ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он ниҳоят осебпазиранд”.[17] Дар амал тахти судҳо таъсири зиёди ҳокимияти иҷроия ва дигар мақомоти ғайрисудӣ қарор дорад. Гузориш дода мешавад, ки прокурорҳо ба мурофиаҳои судӣ таъсири назаррас доранд. Бо вуҷуди гузоришҳо дар бораи беҳбуди расмиёти таъйинот, СҲИР ҳушдор додааст, ки «мустақилияти низоми судӣ бинобар таъсири шохаҳои иҷроия ва қонунгузори ҳокимият маҳдуд мебошад, ки он хавфи таъсири сиёсӣ ба судяҳоро эҷод мекунад».[18]

*Ҳукумат ва шаҳрвандон баробар ба қонун итоат мекунанд*

Конститутсия заминаи ҳуқуқиро барои татбиқи баробари қонун нисбати тамоми шаҳрвандон новобаста аз мақоми онҳо муқаррар менамояд. Дар Моддаи 10 гуфта мешавад, ки «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд». Дар моддаи 17 омадааст: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд». Дар моддаи 19 омадааст: «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд». Дар амал бошад, адвокатҳо намерасанд. Ҳодисаҳои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноӣ алайҳи вакилони дифоъ аз рӯи парвандаҳои ҳассоси сиёсӣ низ ҷой доранд. [19]

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен) бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА ва СММ ҳамкории зич дошт, вале дар таъмини мустақилияти он ва ҳалли шикоятҳо ба монеаҳо дучор шуд. Мақомоти Созмони Милали Муттаҳид ба мақомоти Тоҷикистон тавсия додаанд, ки талошҳоро барои таъмини мутобиқати пурраи фаъолияти Омбудсмен ба стандартҳои байналмилалӣ (Принсипҳои Париж) афзоиш диҳанд.[20]

*Сиёсат ва ниҳодҳои муассир барои пешгирии коррупсия*

Мақомоти Тоҷикистон “Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва Нақшаи чорабиниҳо барои давраи аввали солҳои 2021-25-ро амалӣ мекунанд. Мақомоти асосии мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мебошад, ки соли 2008 таъсис ёфтааст.

17. Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо, Фернан де Вареннес, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 13 феврали 2024, саҳ. 8.
18. СҲИР, Гузориши ибтидоӣ оид ба даври панҷуми мониторинги ислоҳоти муқовимат бо коррупсия дар Тоҷикистон: Нақшаи амалиёти муқовимат бо коррупсия Истанбул, 18 сентябри с. 2024, саҳ. 11.
19. Гузоришгари вижаи СММ оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи башар Мэри Лоулор: Мушоҳидаҳо ва тавсияҳои пешакӣ, 9 декабри 2022
20. Кумитаи СММ оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон (CEDAW), Мушоҳидаҳои ҷамъбастӣ оид ба гузориши ҳафтуми даврии Тоҷикистон, 20 феврали соли 2024, саҳ. 7.

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (8/10)



Сарфи назар аз чунин банақшагирии стратегӣ, нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар самти мубориза бо коррупсия ҳамчунон заиф боқӣ мемонад. Рейтинги он дар Индекси дарки коррупсия Transparency International аз замони тасдиқи охирин стратегияи кишварӣ аз 25 дар с. 2019 то 20 дар с. 2023 поён рафт; Тоҷикистон дар соли 2023 миёни 180 кишвари ҷаҳон дар баробари Афғонистон ва Мянмар дар ҷои 162-юм қарор гирифт. [21] Тоҷикистон дар татбиқи Нақшаи амалиёти СҲИР дар Истамбул оид ба муқовимат бо коррупсия, ки стратегияҳо ва қонунгузории муқовимат бо коррупсияро арзёбӣ мекунад, иштироки фаъол дорад. Дар гузориши СҲИР оид ба мониторинги Нақшаи амалиёти соли 2023 як қатор камбудиҳо, аз он ҷумла «камбудиҳои назаррас» дар қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, салоҳиятҳои норавшани мақомоти масъули мубориза бо коррупсия ва мустақил набудани мақомоти судӣ ва додситонӣ, қайд шудаанд.[22]

## Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ

### *Озодии сухан, иттилоот, дин, виҷдон, ҳаракат, иттиҳодияҳо ва моликияти хусусӣ*

Дар муқаддимаи Конститутсия уҳдадории тантанавӣ оид ба "риояи озодӣ ва ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи шахсият, эҳтиром намудани баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳо бо мақсади бунёди ҷомеаи адолатпарвар" эълон карда шудааст. Ду фасли аввали Конститутсия маҷмӯи кафолатҳои ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ ва сиёсии шаҳрвандон, аз он ҷумла озодии баён, дастрасӣ ба иттилоот, озодии эътиқод ва виҷдон, озодии ҳаракат, озодии иттиҳодияҳо, ҳифзи ҳуқуқии моликияти хусусӣ ва роҳ надодан ба меҳнати иҷборӣ, иборат аст. Тоҷикистон бо ниҳодҳои ҳуқуқи башари СММ робитаҳои тӯлонӣ ва созанда дорад ва иштирокчӣ дар созишномаҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи башар мебошад.

Аммо тавре дар боло зикр шуд, СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ аз иҷрои воқеии муқаррароти конститутсионӣ изҳори нигаронӣ карда, аз як қатор маҳдудиятҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, аз он ҷумла дар мавриди озодии баён, виҷдон ва дин интиқод кардаанд.[23] Фаъолияти созмонёфтаи динӣ бидуни иҷозати Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ғайриқонунӣ мебошад. Ба ҷавонони то 18-сола иҷозати иштирок дар фаъолиятҳои динӣ манъ аст. Ҷамоаҳои хурдтари динӣ аз мушкилии бақайдгирии ҷойҳои ибодат хабар додаанд.[24]

### *Фарогирии сиёсӣ барои занон, ақаллиятҳои этникӣ ва дигар аққалиятҳо*

Конститутсия заминаи ҳуқуқиро барои фарогирӣ ва баробарӣ, аз он ҷумла дар мавриди масъалаҳои гендерӣ ва этникӣ муқаррар мекунад. Дар моддаи 17 гуфта мешавад, ки «Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд». Созмонҳои байналмиллалӣ қабули нахустин қонуни зидди табъиз дар Тоҷикистонро соли 2022, Қонун «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз», ки табъиз бар пояи мансубият ва ҷинсиятро манъ мекунад, баҳои баланд доданд.

21. Transparency International, Индекси дарки коррупсия, с. 2023, https://www.transparency.org/en/cpi/2023/index/tjk22. СҲИР,
22. Гузориши ибтидоӣ оид ба даври панҷуми мониторинги ислоҳоти муқовимат бо коррупсия дар Тоҷикистон: Нақшаи амалиёти муқовимат бо коррупсия Истанбул, 18 сентябри с. 2024, саҳ 11-12
23. Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо, Фернан де Вареннес, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 13 феврали соли 2024 ва Гузоришгари махсуси СММ оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи инсон, Мэри Лоулор: Мушоҳидаҳо ва тавсияҳои пешакӣ, 9 декабри соли 2022.
24. Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо, Фернан де Вареннес, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 13 феврали 2024

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (9/10)



Ҳукумат барои пешбарии занон дар соҳаи маориф ва ҳаёти ҷамъиятӣ тадбирҳо андешидааст, аз ҷумла барномаи давлатии соли 2022, ки ба пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда нигаронида шудааст. Мақомоти кишвар беш аз пеш зӯроварии ҷинсиро ҳамчун як муаммои ҷиддии иҷтимоӣ эътироф мекунанд, аммо Кумитаи СММ оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон (КБТЗ) барои андешидани чораҳои минбаъда оид ба мубориза бо зӯроварии ҷинсӣ даъват намуд. КБТЗ инчунин аз намояндагии маҳдуди занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар мақомоти давлатӣ изҳори нигаронӣ карда, муқаррароти Конститутсия ва Кодекси меҳнатро, ки кори занонро дар баъзе касбҳо манъ мекунад, зери интиқод қарор дод. [25] Кумитаи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид аз тамғагузорӣ ва табъизи иҷтимоӣ, ки тибқи гузоришҳо афроди ЛГБТИ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, изҳори нигаронӣ кардааст. [26]

Тибқи барӯйхатгирии соли 2020, тоҷикон беш аз 86% аҳолиро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки ӯзбекҳо (11%) бузургтарин ақаллияти этникӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ақаллиятҳои хурдтар қирғизҳои этникӣ (0,4%) ва мугатҳо (лӯлиҳо) дохил мешаванд. Моддаи 2 ба забони русӣ мақоми «забони муоширати байни миллатҳо»-ро дода, дар он қайд мешавад, ки «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд». Тибқи маълумоти Гузоришгари вижа оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо, ақаллиятҳои этникӣ дар ниҳодҳои сиёсӣ, ба мисли Парлумон ва дигар мақомоти давлатӣ намоянда надоранд. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) бинобар хусусияти таърихию этникии худ мақоми махсуси маъмурӣ дорад. Аммо дар ВМКБ, ки бисёре аз помириҳо равияи исмоилияи мазҳаби шиъаро пайравӣ мекунанд, ҳолатҳои низоъ ҷой доштанд. Тибқи гузоришҳои СММ ва дигар ниҳодҳои ҳуқуқи башар, чораҳои қатъии амниятии соли 2022, ки Ҳукумат онҳоро ҳамчун маъракаи зидди шабакаҳои ҷиноии созмонёфта тавсиф медиҳад, боиси ба миён омадани иддаои нақзи ҳуқуқи башар, аз он ҷумла боздошти ҳомиёни ҳуқуқи башар ва дигар фаъолон гаштанд. [27]

### *Озодӣ аз таъқиб, таҳдид ва шиканҷа*

Конститутсия барои таъмини озодии шаҳрвандон аз таъқиб, таҳдид ва шиканҷа заминаи ҳуқуқӣ муқаррар мекунад. Дар моддаи 5 гуфта мешавад, ки «Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд». Дар моддаи 18 оварда шудааст: «Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад». Тоҷикистон узви Конвенсияи СММ алайҳи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф мебошад.

25. Кумитаи СММ оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон (КБТЗ), Мушоҳидаҳои ҷамъбастӣ оид ба гузориши ҳафтуми даврии Тоҷикистон, 20 феврали соли 2024, саҳ 4, 11.
26. Кумитаи ҳуқуқи башар, “Мушоҳидаҳои ҷамъбастӣ оид ба гузориши даври сеюми Тоҷикистон”, 22 августи 2019, саҳ. 3; Гузориши Гузоришгари махсус оид ба хариду фурӯши одамон, бахусус занон ва кӯдакон, Сиобҳон Муллали, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 5 майи соли 2022, саҳ. 4.
27. Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо Фернан де Вареннес, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 13 феврали 2024, саҳ. 14; Вазъият дар ВМКБ аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъизи нажодӣ низ ба миён гузошта шуд. Коршиносони Кумитаи барҳам додани табъизи нажодӣ Тоҷикистонро барои беҳтар намудани муносибат бо муҳоҷирон ва паноҳҷӯён ситоиш мекунанд, саволҳо дар бораи табъиз алайҳи ақаллиятҳои помирӣ ва ҳомиёни ҳуқуқи башарро матраҳ мекунанд, 21 апрели соли 2024.

DRAFT

# Замимаи 1 - Арзёбии сиёсӣ дар заминаи моддаи 1 (10/10)

Ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути Эътилофи зидди шиканҷа барои тафтиши ҳолатҳои шиканҷа ва дигар шаклҳои бадрафторӣ кор бурд. Ҳукумат бо мақсади иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ (UNCAT) дар соли 2019 пас аз нашри гузориши Созмони Милали Муттаҳид Нақшаи миллии амал барои солҳои 2019-2022-ро қабул намуд, ки дар он нигарониҳо дар бораи ҳолат дар Тоҷикистон ба таври муфассал баён шуда буданд, аз он ҷумла «изҳорот дар бораи он ки истифодаи шиканҷа ва бадрафторӣ пайваста аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳанӯз идома дорад». Тибқи маълумоти Гузоришгарони вижаи СММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ, сарфи назар аз Нақшаи миллии амал, қабули гузоришҳо дар бораи таъқиб, шиканҷа ва бадрафторӣ нисбати боздоштшудаҳо идома дорад. [28] СММ инчунин дар мавриди ҳолатҳои "ғайб задани маҷбурӣ дар заминаи қочоқи фаромиллӣ" аз кишварҳои хориҷӣ изҳори нигаронӣ намуд.

Созмонҳои байналмилалӣ шароитҳои нигоҳдорӣ дар зиндонҳоро як мушкилии ҷиддӣ хондаанд. Қисман дар ҷавоб ба ин изҳорот, Ҳукумат стратегияи бузургмиқёси ислоҳоти низоми ҷазодиҳиро дар соли 2020 оғоз намуд. Стратегияи 10-сола ба баррасии шикоятҳо дар бораи шароити вазнини нигоҳдорӣ, хизматрасонии бади тиббӣ ва аз меъёр зиёд пур шудани зиндонҳо нигаронида шудааст. [29]

28. Масалан, Гузориши Гузоришгари махсуси СММ оид ба озодии дин ва эътиқод, Назила Ганеа, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 18 январи соли 2024, саҳ. 13.
29. Иҷрои тавсияҳое, ки Гуруҳи корӣ оид ба ғайр задани маҷбурӣ ё иҷборӣ дар ҳисоботи худ оид ба сафари худ ба Тоҷикистон аз 1 то 5 июли соли 2019 оварда шудаанд. Гузориши гуруҳи корӣ оид ба ғайб задани маҷбурӣ ё ихтиёрӣ, Шӯрои ҳуқуқи башари СММ, 12 июли соли 2024, саҳ. 3.